Дар Вазорати адлияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон

тахти № 255 "г"

аз 31 июли соли 2009

"БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУДААСТ"

"Тасдиқ шудааст"

Бо фармоиши Вазири нақлиёт

ва коммуникатсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "20" июли 2009с. № 10

# ҚОИДАҲОИ ҲАМЛУ НАҚЛИ МУСОФИРОН ВА БОРИ ДАСТИВУ БАҒОҶ БО НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*(Фармоиш аз 04.03.2010 № 7)*

(Фармоиш аз 04.03.2010 № 7)

## Боби I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Қоидаҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ (минбаъд Қоидаҳо) мутобиқи моддаи 10-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нақлиёт", боби 5 Оинномаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 696 аз 30.12.2009с. тасдиқ шудааст ва банди 8-уми Низомномаи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 602 аз 28.12.2006 сол тасдиқ шудааст ва тартиби ташкилу ба роҳ мондани ҳамлу нақли мусофиронро тавассути нақлиёти автомобилӣ муқаррар кардааст, таҳия шудааст. Қоидаҳо дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор дошта, риояи он барои ҳама шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ, новобаста аз шакли моликияташон, ки ба ҳамлу нақли мусофирон сарукор доранд, ҳатмист (*Фармоиш аз 04.03.2010 № 7*).

1) Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳо истифода мешаванд:

- автобус - воситаи нақлиётие, ки барои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ муқаррар шудааст ва бидуни ҷои ронанда зиёда аз 7 ҷои нишаст дорад;

- воситаи нақлиёти автомобилӣ - воситаи ҳаракаткунандаи механикие, ки дар Қоидаи мазкур автобуси ғунҷоишаш калону миёна, автомобилҳои сабукрави таксӣ ва таксиҳои хатсайргардро дар бар мегирад;

- ҳуҷҷати бағоҷ- ҳуҷҷате, ки бастани шартномаи ҳамлу нақли борро тавассути нақлиёти автомобилӣ, инчунин қабули бағоҷ аз ҷониби интиқолдиҳанда барои нигоҳдорӣ ва интиқол додан тасдиқ менамояд (Замимаи 1);

- бағоҷ- ашё ва чизҳои арзишдоштаи мусофир, ки бо тартиби муқарраршуда интиқол дода мешавад.

- ҷои бағоҷ - ҷои нигоҳдорӣ ва ҳамлу нақле, ки андозааш на камтар аз 120х 60х 40 сантиметр (минбаъд см) ва вазнаш на зиёда аз 50 килограмм (минбаъд кг) аст.

- чипта-ҳуҷҷат - ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи мусофиронро барои сафар тасдиқ ва бастани шартномаро оиди ҳамлу нақли мусофир собит менамояд (Замимаи 1).

- дафтари қайди воситаи нақлиёт - дафтари қайди рақамдор ва ресмонбастае, ки дар он оид ба санҷиши техникии пеш аз сафари воситаи нақлиёти автомобилӣ ва ташхиси тиббӣ пеш аз хатсайрии (пеш аз басти кориро қабул кардан) ронанда қайдҳо гузошта мешаванд ва он дар муассисаи нақлиёти автомобилӣ нигоҳ дошта мешавад;

- таксии сабукрав - автомобили сабукраве, ки барои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ, ки на зиёда аз 8 ҷои нишаст дорад ва дар хатсайрҳои барои саворшавии мусофирон зарур муқаррар шудааст, фаъолият менамояд, бо таксометр таҷҳизонида шуда аломати фарққунандаи "Т" дорад;

- хатсайр - роҳи ҳаракати воситаи нақлиёти автомобилӣ байни нуқтаҳои аввалу охири муқарраркардашуда дар ҳамлу нақл;

- хатсайрҳои мунтазами ҳамлу нақл - ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо автобус, таксиҳои хатсайргард аз рӯи ҷадвал дар хатсайр, байни нуқтаҳои оғоз, анҷом ва байни оғозу анҷоми истгоҳҳо, нуқтаҳои саворшавӣ ва фаромадани мусофирон;

- таксии хатсайргард - автобуси ғунҷоишаш махсусан хурд, ё дорои ғунҷоишаш кам, инчунин автомобили сабукрави на зиёда аз ҳашт ҷои нишаст, ки барои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ дар хатсайрҳои муқарраршуда истифода бурда мешавад, саворшавӣ ва фуровардани мусофиронро дар истгоҳҳо ва ё бо талаби мусофирон дар ҷойҳое, ки қоидаҳои бехатарӣ риоя мешавад, анҷом медиҳад;

- ҳамлу нақли оммавӣ - ҳамлу нақле, ки бо гурӯҳи аз ду ё зиёда воситаи нақлиёт дар рафти ҳаракати корвон ба роҳ монда мешавад;

- ҳамлу нақли номунтазам - ҳамлу нақли мусофирон, ки хусусияти якдаъфагӣ дошта интиқолдиҳандагон бо ташаббуси худ ба роҳ мондаанд ва бо истифодаи автобус, таксии хатсайргард амлӣ мегарданд, саворшавӣ ва фуровардани мусофирон дар нуқтаҳои аввалу охири хатсайр анҷом меёбад;

- қитъаҳои хавфнок - қитъаҳои роҳҳои автомобилгард, ки ҳангоми аз онҳо гузаштан хатари ба садамаи автомобилӣ дучор шудан пеш меояд ё ба тағйироти ҷиддии тартиби ҳаракат вобастаанд;

- роҳхат - ҳуҷҷате, ки бо усули типографӣ дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори оморӣ тайёр карда шуда, рақами силсилавӣ (сериявӣ) дорад, ба ронандаи воситаи нақлиёти автомобилӣ барои ҳисобот ва назорати фаъолияти воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дода мешавад ва варақаи асосии баҳисобгирӣ мебошад;

- нуқтаи мусофиргирӣ ва мусофирфурорӣ (нуқтаи ист) - ҷои дар шафати роҳ мутобиқи талаботи Қоидаҳои мазкур омодашуда, ки ба мақсади исти воситаи нақлиёт барои мусофиргирию мусофирфурорӣ муайян шудааст.

- ҷадвали ҳаракат - нақша - ҷадвали маълумотҳо оид ба ҷой ва ҳаракати автобус, таксиҳои хатсайргард аз рӯи ҳар нуқтаи исти хатсайри мураттаби ҳамлу нақли мунтазами автомобилҳои мусофиркаш пешбинӣ шуда;

- ҳамлу нақли мунтазам - ҳамлу нақли мусофирон бо автобус ва таксиҳои хатсайргард мутобиқи хатсайрҳои аз ҷониби хадамоти давлатӣ тасдиқшуда;

- сафар (рейс) - роҳи ҳаракати автобус, таксии хатсайргард ва таксии сабукрав аз ибтидо то нуқтаи охири хатсайр;

- нақшаи хатсайр - тасвири ҷадвали нақшаи хатсайр бо нишон додани нуқтаи ист, фосилаи байни онҳо, ҳамчунин тасвири шартии аломатҳои махсус (дуроҳҳа, чорроҳа, гузаргоҳҳои роҳи оҳан, пулҳо, нақбҳо ва ғайра);

- терминал - маҷмӯи истеҳсолию техникиест, ки барои хизматрасонии мусофирон ва ронандагони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ таъмин шуда, иншооти зеринро дар бар мегирад: бинои асосӣ бо толори интизорӣ ва хазинаҳои чиптафурушӣ, нуқтаҳои ташхиси тиббии ронандагон ва ёрии нахустини тиббиву беҳдоштӣ бо бағоҷхонаҳо, саҳн барои савор шудан ва фуруд омадани мусофирон, майдонча истгоҳи воситаҳои нақлиётию постгоҳҳо барои азназаргузаронии воситаҳои нақлиёт, нуқтаҳои танзимгарӣ, хонаи модару кӯдак ва ғайра;

- тендер - амале, ки дархостҳоро ҷиҳати ҳуқуқи хизматрасонӣ дар хатсайрҳо дида мебарояд.

2) Аз ҷихати ташкил ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ ба мунтазам ва номунтазам тақсим мешаванд:

- ҳамлу нақли мунтазами мусофирон бо автобус ё таксии хатсайргард мутобиқи хатсайрҳои мукарраркардаи мақомотҳои давлатии марбута ба роҳ монда мешавад;

- ҳангоми ташкили ҳамлу нақли мунтазами мусофирбарии автомобилӣ дар хатсайрҳои шаҳрӣ, воситаи нақлиёти автомобилӣ (автобусҳо, таксиҳои хатсайргард ) муайян карда мешавад;

- ҳангоми амалӣ ва таъмин намудани ҳамлу нақли мунтазам ва номунтазами автомобилии мусофирон, интиқолдиҳанда бояд роҳхат (бо фармони Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон №258 аз 23.09.2005с. ва Қарори Кумитаи давлатии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №21 аз 15.09.2005 тасдиқ шудааст) дошта бошад, ки дар он натиҷаи муоинаи тибии ронанда пеш аз хатсайр (пеш аз қабули баст) ва ҳолати техникии воситаи нақлиёт қайд шудааст.

Ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо воситаҳои нақлиёти автомобилӣ бе доштани роҳхат манъ аст:

- ҳамлу нақли номунтазами автомобилии мусофирон бо ташаббуси шахсии интиқолдиҳандагон ташкил гардида, дар он воситаи нақлиёти автомобилӣ, ки ба талаботи Қоидаҳои мазкур мутобиқанд, истифода мегарданд;

- ба ҳамлу нақли мусофирбарӣ воситаҳои нақлиёти автомобилие иҷозат дода мешаванд, ки сертификати мутобиқат дошта бошад, ба талаботхои бехатарӣ, меъёрҳои тиббӣ - санитарӣ, меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва экологӣ, стандартҳои давлатию байналхалкӣ ва шартҳои техникӣ мутобиқ бошад, иҷозатнома (литсензия) барои фаъолият дошта бошад;

- дар хатсайри мунтазами шаҳрӣ автобусҳои шаҳрии (клоси 1), ки на кам аз ду дар дошта бошанд, таксии хатсайргард, ҳамчунин автобусҳои (клоси 2) истифода мешаванд;

- автобусҳо ва таксиҳои хатсайргард барои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ дар хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрӣ ва байналхалқӣ истифодашаванда бояд курсиҳои мулоим ва такядор- автобусҳои якдара дар шаҳр ҳамчунин автобуси "Экспресс" ва дар хатсайрҳои наздишаҳрӣ ба ҳамлу нақл машғул шуда метавонанд, дошта бошанд. Агар масофаи хатсайр зиёда аз 400 км бошад, автобус ё таксии хатсайргард бояд барои ронандаи дигар (ивазкард) ҷой дошта бошанд;

- дар хатсайрҳои кӯҳӣ ҳамлу нақли мусофирон дар соатҳои шабона (аз соати 22-и шаб то 6-и субҳ) манъ аст;

- дар хатсайрҳои кӯҳӣ воситаҳои нақлиёти автомобилии зиёда аз 500 ҳазор километр роҳ тайкарда ё аз таъмири асосӣ баровардашуда истифода намешаванд;

- воситаҳои нақлиёти автомобилии дар хатсайрхои кӯҳӣ истифодашаванда бояд бо чароғҳои пеши зиддитуманӣ ва чароғҳои ёридиҳандаи қафо муҷаҳҳаз бошанд ва баландии протектори ғилдирак на бояд аз 3,0 миллиметр кам бошад.

3) Воситаҳои нақлиёти автомобилӣ бояд ҳангоми ҳамлу нақли мусофирон бо таҷҳизоти зерин муҷаҳҳаз шаванд:

- доруқуттӣ (барои воситаи нақлиёти автомобилӣ) бо маводҳо ва доруҳои зарурии тиббӣ;

- воситаҳои таваққуфкунанда (пошначаҳо) барои боздории худҳаракаткунӣ, ҳангоми ист дар роҳи ноҳамвор;

- аломати огоҳикунандаи ист;

- таҷҳизоти сӯхторнишонии коршоям;

- навиштаҷоти иттилоотӣ дар дохили (минбаъд - солун) воситаи нақлиёти автомобилӣ дар бораи таъҷилан кушодани даричаҳои садамавӣ, дарҳо, тирезаҳо ва дур кардани оинаҳои тиреза ҳангоми рух додани садамаи нақлиётӣ;

- болғачаҳо барои шикастани шишаи тирезаҳои солуни воситаи нақлиёти автомобилӣ дар ҳолати ба воситаи аз дар баромада натавонистан аз автобус;

4) Воситаҳои нақлиёти автомобилӣ барои ҳамлу нақли мусофирон истифодашаванда бояд чунин бошанд:

- дарҳои солуни мусофирон ва даричаҳои садамавии бе ягон мамоният кушодашаванда ва пӯшидашаванда, дарҳои солун барҷастагии тез ва баромада надошта бошанд;

- пӯшанӣ, даричаи садамавӣ ва тирезаҳое, ки дар ҳолати маҳкам буданашон аз онҳо ба кабинаи ронанда ва ё солуни мусофирон чангу ғубор надароянд.

- курсиҳо ва дастакҳои маҳкам кардашуда дошта бошанд;

- курсиҳои тозаи рӯйкашҳояшон нодарида;

- зерпой ва фарши ҳамвор дар солуни мусофирон.

Рӯйпушҳои фарши солун бояд аз маводи ҳамвору нодарида тайёр карда шуда бошанд;

- шишаҳои шаффофи тиреза аз чангу ғубор ва ҳар гуна рангҳо, ки дидро халалдор мекунанд, тоза бошанд. Ҳар шишаи тиреза, ғайр аз 30% он на бояд бо навиштаҷот ё реклама маҳкам карда шавад;

- солуни мусофирон, ки мутобиқи фаслҳо гарм ё салқин карда мешаванд, набояд бо асбобу қисмҳои эҳтиётӣ фаро гирифта шаванд.

5) Солуни воситаҳои нақлиёти автомобилӣ барои ҳамлу нақли мусофирон истифодашаванда бояд дар ҳар баст на камтар аз ду бор ва вобаста аз ифлосшавӣ шуста шаванд.

Баъди басти кори воситаи нақлиёт аз берунаш пурра шуста мешавад.

6) Автобусҳо, таксиҳои хатсайргард барои ҳамлу нақли мусофирон дар хатсайрҳои байнишаҳрӣ ва байналхалқӣ истифодашаванда бояд ҷойи бағоҷмонӣ ва ғилдиракҳои иловагию бардора дошта бошанд.

7) Автобусҳо, таксиҳои хатсайргард, ки дар хатсайрҳои зерин истифода мешаванд, бояд бо таҷҳизоти назоратии тартиби бақайдгирии меҳнат ва истироҳати ронандагон - тахографҳо муҷаҳҳаз бошанд:

- ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ дар хатсайрҳои байналхалқӣ;

- ҳамлу нақли мунтазам ва номунтазами мусофирон ва бағоҷ дар хатсайрҳои байналхалқию байнишаҳрӣ (байнивилоятӣ).

8) Дар солунҳои воситаи нақлиёти автомобилии барои интиқоли мусофирон дар хатсайрҳои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ истифодашаванда дар шафати ҷои нишасти ронанда бояд навиштаҷоти зерин бошад:

- номи пурраи интиқолдиҳанда (ронанда);

- ракамы телефонҳои ронанда, ташкилкунандаи интиқол ва Раёсати минтақавии Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, Раёсати Бозрасии давлатии автомобили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ХДНТ ва РБДА):

- нусхаи ҷадвали хатсайр ва ҷадвали ҳаракат;

- тарифи муқарраршуда барои сафар ва интиқоли бағоҷ.

Барои ҳамлу нақли автомобилии мунтазам дар хатсайрҳои наздишаҳрӣ, вобаста аз тӯли сафар, бояд сеткаи тарифҳоро дошта бошанд:

- андозаи ҷарима барои сафари роҳкирояш пардохтанашуда ё интиқоли бағоҷ;

- ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мусофирон.

Автобусҳо, таксиҳои хатсайргард барои интиқоли мунтазами шаҳрии мусофирон истифодашаванда бояд бо баландгӯяк ва воситаҳои усули идоракунии автоматӣ (минбаъд ВИД) барои назорати кор дар хатсайрҳо тибқи талаботи интиқолдиҳанда мутобиқ будан муҷаҳҳаз бошанд.

9) Дар тарафҳои пешу ақиби автобусҳо, таксиҳои хатсайргард барои интиқоли мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии мусофирон истифодашаванда навиштаҷот бо ном ва рақами хатсайр ҷойгир карда мешаванд.

Навиштаҷот бояд бо ҳарфи сиёҳ (андозааш на камтар аз 12 мм) дар заминаи сафеду зард навишта шуда бошад. Ҳангоми ҳамлу нақли камтаваққуф дар навиштаҷот дар зери рақами хатсайр бояд бо ранги сурх "экспресс" навишта шавад (андозаи ҳарфҳо на кам аз 60мм).

10) Аз тарафи рости автобуси барои хатсайри мунтазами шаҳрии ҳамлу нақли мусофирон истифодашаванда, дар назди яке аз дарҳои солуни мусофирон навиштаҷот бо рақам ва нишондоди кӯтоҳи хатсайр (номи истгоҳҳои аввалӣ ва охирон, кӯчаҳои асосие, ки хатсайр аз он ҷо мегузарад, ҷойҳои махсуси ҷамъиятӣ) бо забони давлатӣ ё русӣ бояд ҷойгир шуда бошад.

11) Дар паҳлӯҳои ақибу пеш ва рости автобусҳои барои хатсайри мунтазами интиқоли мусофирон истифодашаванда (ба ҷуз аз хатсайрҳои шаҳрӣ) бояд навиштаҷот бо нишондоди нуқтаҳои аввалӣ ва охирони хатсайр гузошта шаванд.

Навиштаҷот бояд бо забони давлатӣ ё русӣ ва ранги намоён дар заминаи сафед бо ҳарфҳои андозаашон 60 мм навишта шуда бошанд.

Навиштаҷоти пешу ақиб бояд дар вақти торикӣ хосияти равшаншаванда дошта бошанд.

12) Автобусҳои барои ҳамлу нақли гурӯҳи ташкилкардаи кӯдакон ҷудошуда бояд ду дар дошта бошанд. Ҳамчунин, ин автобусҳо аз пеш ё қафо бояд аломатҳои фарққунандаи "Интиқоли кӯдакон" ва аломати ранги зард дошта бошанд.

13) Дар тарафҳои пеш ва қафои воситаи нақлиёт ҳангоми ҳамлу нақли мусофирон бо автобусҳои таъинотӣ, таксиҳои хатсайргард ё мошинҳои сабукрав истифодашаванда навиштаҷоти "Таъинотӣ" гузошта мешавад.

Навиштаҷот бояд бо ранги сиёҳ (андозаи ҳарфҳо на камтар аз 120мм) навишта шуда, дар чаҳорчӯбаҳои росткунҷа ҷой дода шавад.

14) Дар қисми пеши солуни автобусҳое, ки барои ҳамлу нақли мунтазами мусофирон истифода мешаванд, ҷой барои маъюбон, нафақахӯрон, занҳои ҳомиладор ва мусофирони кӯдакони синни томактабӣ дошта ташкил карда мешавад. Дар пахлӯи чунин ҷойҳо бояд навиштаҷот дар бораи ҷойи махсус гузошта шаванд.

15) Мошинҳои сабукрави таксӣ бояд бо аломати фарққунандаи дар болои автомобил гузоштешуда, ки аз масофаи то 500 метр намоён мешаванд, таҷҳизонида шавад. Аломати фарққунанда бояд аз навиштаҷоти "Т" ё тахтаи шоҳмотмонанди дар торикӣ ҷилодиҳанда иборат бошад.

Автомобилҳои сабукрави таксӣ ҳамчунин бояд бо таксометри дуруст коркунанда ва тамға задашуда муҷаҳҳаз бошад..

Дар солуни автомобилҳои сабукрави таксӣ, дар ҷои чашмраси мусофирон бояд варақаи шиноскунандаи ронанда бо сурат ва ному насаб, ҳамчунин навиштаҷот бо нишондоди номи интиқолдиҳандаи расмӣ ва суроғаю рақами телефонаш овехта шавад.

## Боби II ТАРТИБИ КУШОДАН, ДИДА БАРОМАДАН ВА ТАРТИБ ДОДАНИ ҶАДВАЛИ ХАТСАЙРҲОИ МУНТАЗАМИ ҲАМЛУ НАҚЛИ АВТОМОБИЛИИ МУСОФИРОН

16) Ташаббускори кушодани хатсайрҳои нави доимамалкунанда ва ворид намудани тағйиротҳо ба хатсайрҳои амалкунандаи мусофирбарӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ - мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ шуда метавонанд.

17) Тибқи талаботи ташаббускор, комиссияи босалоҳият аз ҳисоби намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва

коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, Бозрасии давлатии автомобили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттифоқи касаба ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҳамлу нақли автомобили нақшаи хатсайр ва ҷадвали ҳаракатро тартиб дода, онҳоро ба тариқи зайл мувофиқа мекунанд (*Фармоиш аз 04.03.2010 № 7*):

- ҳамлу нақли автомобилии мусофирон дар хатсайрҳои мунтазами байналмиллалӣ, байнишаҳрӣ (байнивилоятӣ) - бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳамлу нақли автомобилии мусофирон дар хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрӣ (дохиливилоятӣ), наздишаҳрӣ ва шаҳрӣ, ки маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳо, вилоятро мепайвандад-бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо ва Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (*Фармоиш аз 04.03.2010 № 7*);

- ҳамлу нақли автомобилии мусофирон дар хатсайрҳои мунтазами шаҳри Душанбе - мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе;

Раиси комиссияи босалоҳият новобаста аз хатсайри азнавкушодашаванда ё даровардани тағйирот ба хатсайрҳои амалкунандаи мунтазами байналхалқӣ, байнишаҳрӣ (байнивилоятӣ) намояндаи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар хатсайрҳои байнишаҳрӣ (дохиливилоятӣ), наздишаҳрӣ ва шаҳрӣ намояндаи мақомоти ваколатдори Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар хатсайрҳои мунтазами шаҳри Душанбе мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дониста мешавад (*Фармоиш аз 04.03.2010 № 7*).

18) Хатсайрҳои мунтазами ҳамлу нақли автомобилии мусофирон, ки аз нав кушода мешаванд, ҳамчунин, хатсайрҳои амалкунанда, бо мақсади баҳо додан ба мувофиқати ҳолати техникиашон ба инфрасохторҳои роҳ бояд муоина карда шаванд.

Муоинаро комиссияҳо вобаста аз намуди хатсайр аз ҷониби мақомоти дахлдор таъиншуда на камтар аз 1 маротиба дар се сол мегузаронанд.

Ба ҳайати комиссия метавонанд намояндагони мақомоти роҳ ё мақомоти коммуналӣ, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҳамлу нақли автомобилӣ шомил бошанд.

19) Дар асоси қарори комиссияи мазкур, раиси комиссия шиносномаи хатсайр, ҳаракати нақлиёти мусофирбарро дар се нусха тартиб медиҳанд ва бо тариқи зайл тасдиқ карда мешавад:

- барои хатсайрҳои мунтазами байналмиллалӣ, байнишахрӣ (байнивилоятӣ) - Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрӣ (дохиливилоятӣ), наздишаҳрӣ ва шаҳрӣ, ки маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои вилоятро мепайвандад - Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳия (*Фармоиш аз 04.03.2010 № 7*);

- барои хатсайрҳои мунтазами ҳамлу нақли автомобилии мусофирони шаҳри Душанбе - мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе;

хориҷ карда шуд (*Фармоиш аз 04.03.2010 № 7*).

20) Натиҷаи ҳар як муоина ва мувофиқатии ҷадвали ҳаракат дар санаде, ки барои кушодани хатсайр ва истифодабарии минбаъдаи хатсайрҳо аз рӯи ҷадвали муайяни ҳаракат бо ба ҳисобгирии анбӯҳи мусофирон пешбинӣ шудааст, қайд карда мешавад.

21) Ҳангоми ошкор шудани номувофиқатӣ ба талаботи бехатарии ҳамлу нақл дар санад пешниҳоди комиссия дар бораи гузаронидани чорабиниҳои таъҷилӣ ва дурнамо ба хотири беҳтар ба роҳ мондани шароити ҳаракат ва огоҳ намудан аз садамаҳои нақлиётӣ дар хатсайрҳо дарҷ мегарданд.

Санади муоина ба мақомоте, ки ҳайати комиссияро оид ба муоинаи хатсайрҳо барои ҳал намудани масъалаи кушодашавӣ ё давомдиҳии истифодаи хатсайрҳо, дидани чораҳои зарурӣ барои беҳтар намудани бехатарии ҳамлу нақл, ташкили назорат аз болои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта тасдиқ намудааст, пешниҳод карда мешавад.

Нусхаи санадҳо ба шахсоне, ки иншооти инфрасохторҳои нақлиёти автомобилӣ ба онҳо тааллуқ дорад, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, ҳамчунин ба интиқолдиҳандагоне, ки ба ҳамлу нақл дар хатсайрҳои муоинашуда машғуланд, бо мақсади онро ба сифати дастур истифода бурдан, муайян намудани ҷадвали минтақаҳои хатарнок, мӯътадил кардани суръати ҳаракати воситаҳои нақлиёт фиристода мешавад.

22) Ҳангоми мувофиқ набудани инфрасохторҳои роҳ ба талаботи бехатарии ҳамлу нақл, дар асоси санади санҷишии хатсайр, Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии

дар мувофиқа бо ҳам дар бораи рад намудани кушодашавии хатсайр, тағйир додан ё қатъ кардани он қарор қабул мекунанд (*Фармоиш аз 04.03.2010 № 7*).

23) Бо мақсади ба нақшагирии ташкил ва бақайдгирии хатсайрҳои нави мусофирбарӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ дафтари қайд ҷорӣ карда мешавад:

- доир ба хатсайрҳои мунтазами байналмиллалӣ, байнишаҳрӣ (байнивилоятӣ) - Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- доир ба хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрӣ (дохиливилоятӣ), наздишаҳрӣ ва шаҳрӣ, ки маҳаллаҳои аҳолинишини ноҳияҳои вилоятҳо, минтақаҳоро ба ҳам мепайвандад, мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" (*Фармоиш аз 04.03.2010 № 7*);

- доир ба хатсайрҳои мунтазами шаҳри Душанбе - мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе;

## Боби III ТАЛАБОТ БА ТАҶҲИЗОНИДАН ВА ҶОЙГИРШАВИИ ИСТГОҲҲО

24) Истгоҳҳо бояд бо дарназардошти талаботи меъёрҳои сохтмонӣ ва қоидаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Шаҳрсозӣ. Дурнамо ва сохтмони манзилҳо, шаҳру деҳотҳо", ки бо фармоиши Агентии давлатии сохтмон ва меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, риояи қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ, тарзи безарар ва мусоиди наздикшавии мусофирон ба он ҷойгир карда мешаванд.

25) Ҳар истгоҳ чунин таҷҳизонида мешавад:

- навиштаҷот иборат аз номи истгоҳ, рақами хатсайрҳое, ки аз он ҷо мегузаранд, фосилаи ҳаракати хатсайр;

- майдончаҳо барои бехатар истодани воситаи нақлиёт (минбаъд майдончаи ист ) бояд ба дигар воситаи нақлиёт халал нарасонад ва паҳнои онҳо ба паҳнои асосии қисми нақлиётгард ва дарозиаш вобаста аз теъдоди воситаи нақлиёти автомобилии як вақт истода, вале на камтар аз 10 м бошад.

Майдончаҳои истгоҳ дар роҳҳои дараҷаи I ва III аз қисми нақлиётгузар бо хати ҷудокунанда ҷудо карда мешаванд;

- майдончаи саворшавии сатҳаш аз сатҳи майдончаи истгоҳ 0,2 м баландтар ва рӯпӯши мустаҳкам дошта, ки масоҳаташ на камтар аз 10 х 2м аст.

Ин майдонча дар наздикии айвончаи бо санг канора ҷудошуда аз тарафи роҳи нақлиётгузар бо дарназардошти муайян намудани ҷои гузашти маъюбони аробачасавор сохта мешавад;

- хати ҷудокунанда, роҳ барои пиёдагардон (мустаҳкам рӯпуш кардашуда) барои ба истгоҳ омадани мусофирон;

- айвонча барои муҳофизати мусофирон аз боду ҳавои номусоид. Наздиктарин ҳудуди айвонча бояд на камтар аз 3 м то канори майдончаи истгоҳ ҷойгир бошад.

Истгоҳҳо дар роҳи дараҷаи 1 берун аз минтақаи замин аз қисми саворагард ҷудо воқеъ мешаванд.

26) Истгоҳҳои дар маҳалли аҳолинишин ҷойгир нашуда, дар қисми роҳи рост ё дар роҳи каҷи қутраш на камтар аз 1000м - барои роҳҳои дараҷаи I ва II, 600м - барои роҳҳои дараҷаи III ва 400 м - барои роҳҳои дараҷаи IV-V дар нишебиҳои тамоюлашон на зиёдтар аз 60 % ҷойгир мешаванд, ҳамчунин, барои диди роҳҳои меъерҳои мувофиқ пешбинӣ карда мешаванд.

Истгоҳҳои роҳҳои дараҷаи 1 бояд яке дар муқобили дигар ва дар роҳи дараҷаи II, IV мувофиқи самти ҳаракат дар масофаи на камтар аз 30м байни деворҳои айвонча ҷойгир шаванд.

27) Мақомотҳои иҷроияи маҳаллӣ таъмир ва таҷдиди сабуки нуқтаҳои истро дар мавсими таҷдиди баҳорӣ ва ободонии нуқтаҳои аҳолинишин ҳар сол таъмин мекунанд.

28) Нуқтаҳои исти хатсайрҳои мунтазами ҳамлу нақли мусофирон (ба ғайр аз нуқтаи шаҳрӣ) бояд дар ҳар як нуқтаи аҳолинишин қад-қади ҳаракати хатсайр барои аҳолии ин нуқтаҳои аҳолинишин муносиб ҷойгир шуда ва ба ҳадди имкон ба марказҳои калони мусофирҷамъшаванда (терминалҳои роҳи оҳану автомобилӣ, фурудгоҳҳо, бозорҳо, марказҳои савдо) ва бо нуқтаҳои исти хатсайрҳои мунтазами шаҳрии ҳамлу нақли автомобилии мусофирон наздик бошанд.

Дар сурати мавҷуд будани терминал дар роҳи ҳаракати нуқтаи аҳолинишин, хатсайр бояд ба воситаи он терминал гузарад.

## Боби IV ТАШКИЛ ВА МУОИНАИ ТИББИИ РОНАНДА ПЕШ АЗ САФАР (ПЕШ АЗ ҚАБУЛИ БАСТ) ДАР ХАТСАЙРҲОИ МУНТАЗАМ ВА НОМУНТАЗАМИ ҲАМЛУ НАҚЛИ МУСОФИРОН ВА БАҒОҶ ТАВАССУТИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

29) Интиқолдиҳанда муоинаи тиббии пеш аз сафари (пеш аз қабули басти кор) ронандаро тавассути корманди тиб, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин навъи фаъолият ҳақ дорад (минбаъд корманди тиб), таъмин менамояд.

30) Ронанда бо нишон додани роҳхат ва ҳуҷҷати шахсиаш аз муоинаи тиббии пеш аз сафар (баст) мегузарад.

Дар ҳолати зарурии дар як рӯз якчанд бор сафар кардан, пеш аз сафари якум аз муоина мегузарад.

31) Муоинаи тиббии пеш аз сафари (пеш аз қабули баст) ронанда ба таври инфиродӣ сурат мегирад ва аз инҳо иборат аст:

- пурсиш, ташхис ва баҳои намуди зоҳирӣ, тарзи роҳгардӣ, ҳолати муоинашаванда, рафтор ва ҳолатҳои руҳӣ, тарзи сухангӯӣ, имову ишора, шуур, пӯсти бадан, рангҳои пардаи чашм, бузургии заррачаҳо, махсусиятҳои нафаскашӣ ва дигар аломатҳо;

- ошкор намудан ва дида баромадани шикоятҳо, давомнокии истироҳат ва хоб дар фосилаи байни сафар (байни баст).

- ченкунӣ ва баҳодиҳии фишори шарёнӣ, тавсифи набзи мувофиқ, ченкунии ҳарорати бадан, муоинаи ҳалқ, ҷамскунии нуқтаи савдо, муайянкунии бақувватӣ бо тарзи Ромберг, санҷиши ангуштро бехато ба бинӣ расонидан ва санҷишҳои дигари мутобиқгардонӣ ҳангоми мавҷуд будани фишори баланди шарёнӣ дар варақаи маълумотномаи ронанда, дар варақаи шахсии муоинаи пеш аз сафари тиббӣ натиҷаи асосии нишондодҳо қайд карда мешаванд.

32) Ҳангоми мавҷуд набудани шикоят аз осори объективии беморӣ ва сустшавии қобилиятнокии бадан, шахси муоинашуда ба идоракунии воситаи нақлиёт иҷозат дода мешавад.

Корманди тиб ҳангоми ба ҳамлу нақли номунтазами мусофирон ва бағоҷ аз тарафи ронанда дар дафтари қайди воситаи нақлиёт ва ҳамлу нақли мунтазам дар роххат мӯҳр мегузорад. Дар дафтар ва роҳхат таърихи гузаронидани муоина ва имзои корманди тиб бо мӯҳр гузошта мешавад.

33) Шахсоне, ки дар ҳолати мастӣ қарор доштанашон маълум аст, (бӯи шароб аз даҳон, луққидан, суханронии бетартиб, ларзиши ангуштҳо, тағйирёбии ранги пӯст) ба идоракунии воситаҳои нақлиёт роҳ дода намешаванд.

Дар ҳолати рози набудан ба ин пешниҳод, чунин шахсон бо ҳамроҳии корманди тиббӣ ба муассисаи давлатии табобатии наздиктарин, ки тибқи қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати гузаронидани муоинаи тиббӣ дорад, фиристода мешаванд.

34) Ҳангоми ошкор гаштани ҷароҳат ё баландшавии фишори шарёнӣбеш аз 20мм сутунчаи симобӣ аз меъёри мӯътадил, суст шудани таппиши набз , камтар аз 55 зарб дар як дақиқа, баландшавии набз зиёда аз 85 зарб дар як дақиқа, аломатҳои гипертонияи шарёнӣ, бемории гузаранда, беҳушшавӣ ва ҳолатҳои дигари халалёбии саломатии ронанда ба қабули мутахассис оид ба муоина ва табобати корношоямии муваққатӣ фиристода мешавад. Дар ҳолати зарурӣ мошини ёрии таъҷилӣ таъмин карда мешавад.

Дар сурати муайян кардани нишонаҳои корношоямии муваққатӣ дар рӯзҳои ғайрикории муассисаи амбулатории - ташхисӣ ба бемор ёрии аввали таъҷилӣ расонида, барои ба муоинаи мутахассис рафтан роҳхат медиҳанд, ки дар он ҳатман мӯҳлат, вақти муоина, ташхиси касалӣ ва меъёрӣ ёрии тиббии расондашуда мувофиқи қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун варақаи корношоямии аз тарафи духтур эътирофшуда нишон дода шаванд.

35) Корманди тиб дар бораи қодир будан ба идоракунии воситаи нақлиёт ҳангоми муоинаи тиббии пеш аз сафар (пеш аз баст) ба ронанда мулоҳизанома медихад.

36) Корманди тиб дар ҳолати саркашӣ кардани ронанда аз муоинаи тиббӣ, ҳангоми ошкор кардани беморӣ, захмдорӣ, аломатҳои истеъмоли моводи мадҳушкунанда барои аз идоракунии воситаи нақлиёт озод кардани ронанда интиқолдиҳандаро огоҳ мекунад.

## Боби V ТАЛАБОТ БА ТЕРМИНАЛҲО ВА ТАРТИБИ КОРИ ОНҲО

37) Терминалҳо дар асоси шартномаи баимзорасида бо интиқолдиҳанда фаъолияти худро ба роҳ мемонанд ва аз ҷониби мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" фаъолияташ ҳамоҳанг мегардад (*Фармоиш аз 04.03.2010* № 7).

Интиқолдиҳанда тибқи дархости терминалҳо барои хизматрасонӣ дар хатсайрҳои шаҳрӣ, наздишаҳрӣ, байнишаҳрӣ (байнивилоятӣ, дохиливилоятӣ) ва байналхалқӣ бояд миқдори зарурии воситаҳои нақлиёти автомобилиро ва дар сурати корношоямии техникӣ онро аз ҳисоби воситаҳои нақлиёти автомобилии захиравӣ иваз намояд.

38) Тибқи Қоидаҳои мазкур тартиби иҷрои вазифаҳои зерини терминал муайян карда мешаванд:

- ташкили фурӯши ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо);

- ташкили риояи ҷадвали ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард дар хатсайрҳо;

- таъмини меъёри риояи бехатарии ҳамлу накли мусофирон, гузаронидани муоинаи тиббии пеш аз сафари ронандагон ва санҷиши ҳолати техникии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, агар интиқолдиҳанда имконияти иҷрои ин вазифаҳоро надошта бошад;

- таъмини иттилоотии мусофирон;

- таъмини нигоҳдории бағоҷ ва бори дастӣ;

- таъмини мусофирон бо шароитҳои мусоид ҳангоми интизорӣ ба оғози сафар;

- ба дигар терминалҳо дар бораи ҷойҳои холӣ ё холишавандаи автобусҳо ва таксиҳои хатсайргард, ҳамчунин дар бораи тағйирот дар ҷадвали ҳаракат ё пешгузаштан (ақибмонӣ)-и муваққатии автобусҳо, таксиҳои хатсайргард аз ҷадвали ҳаракат, қатъ кардан ё дохил намудани сафари берун аз ҷадвал, равона кардани автобусҳо ва таксиҳои хатсайргарди иловагӣ иттилоъ додан;

- иттилоотдиҳии ҳармоҳа ба мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии дар бораи вайрон кардани ҷадвали ҳаракат ва вайронкунии Қоидаҳои мазкур аз тарафи интиқолдиҳандагони хатсайрҳои мунтазами ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ (*Фармоиш аз 04.03.2010* № 7).

39) Терминалҳо бояд дорои иншоотҳои зерин бошад:

- перрон барои саворшавӣ ва фуромадани мусофирон, нуқтаҳо барои боркунӣ ва фуровардани бағоҷ;

- майдонча барои таваққуфгоҳи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;

- толори интизорӣ барои мусофирон;

- хазинаҳо барои фурӯши чиптаҳо, аз ҷумла, ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо);

- бағоҷхона;

- нуқтаҳои танзимкунӣ;

- ҳуҷраҳои санитарӣ - маишӣ барои кормандон ва мусофирон мутобиқи санадҳои - меъёрии амалкунанда;

- ҳуҷраҳои корӣ барои истироҳати ронандагон ва кондукторон.

Терминалҳо ҳамчунин ҷойҳои зеринро бояд дошта бошанд:

- дафтари маълумотдиҳӣ;

- ошхона;

- ҳуҷраи модару кӯдак;

- нуқтаҳои муоинаи автобусҳо;

- нуқтаи муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ;

- нуқтаи ёрии таъҷилии тиббӣ ва дӯкончаи доруфурушӣ.

40) Дар вақти истифода аз бағоҷхона талаботҳои зеринро бояд риоя кард:

- сарфиёти вақт барои супоридан ё қабули бағоҷ дар бағоҷхонаҳои ғайриавтоматикӣ бояд кам бошад;

- нигоҳдории бағоҷи супоридашуда бояд дар ҷои хушк ва тоза, ҳарорати доимии мӯътадилдошта таъмин карда шавад;

- тирезаҳои маълумотдиҳии бағоҷхонаҳои ғайриавтоматикӣ, ки ба воситаи онҳо қабул ва супоридани бағоҷ амалӣ мегардад, бояд қисми поёнии он аз фарш, баландтар аз 70 см бошад ва аз тарафи берунии тиреза барои супурдани бағоҷ миз гузошта бошанд;

- дар назди тиреза лавҳаи тартиби кори бағоҷхона, қабули бағоҷ барои нигохдорӣ, мӯҳлат ва арзиши нигоҳдорӣ овехта мешавад;

- бағоҷ барои нигаҳдорӣ новобаста аз мавҷуд будани ҳуҷҷатҳо қабул карда мешавад.

41) Дар терминалҳо барои ронандаҳои автобусҳо ва таксиҳои хатсайргард хатсайрҳои байнишаҳрии интиқоли мусофирон, ки ҳангоми истироҳат ё хоб кардан мувофиқи шароити реҷаи меҳнат ва истироҳат дар ҷойи ғайримуқимӣ воқеъ бошанд, бояд ҷойҳои махсуси истироҳат ва ҷои хоб таҷҳизонидашуда ҷудо карда шаванд.

Ҳуҷраҳои истироҳати ронандаҳо бояд дорои ҳаммом, оби хунук ва гарм, пардаҳои махсус барои рӯзона торик кардани ҳуҷра дошта бошанд. Ҳуҷраҳо бо имконоти нигоҳдории ашёҳои қимматбаҳои ронанда, маблағи чиптаҳои ба фурӯшрафта, варақаҳои ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо) ва хатти расиди бағоҷ таъмин карда мешаванд.

42) Дар терминалҳо ҳуҷраҳои модару кӯдак, хизматрасонии мусофирони кӯдакони то сини 5-сола дошта, занҳои ҳомила ва мусофирони аз аробачаи маъюбӣ истифодакунанда ташкил карда мешавад. Андозаи ҳуҷраҳо, ҳамчунин шумораи хизматчиён бояд мувофиқи ҳаҷми кори терминал бошанд.

43) Дар терминалҳое, ки анбӯҳи мусофирон дар як шабонарӯз автомобилҳо, зиёда аз 1000 нафар мусофир ҳаст, ҳуҷраҳои модару кӯдак бояд аз ҷойҳои зерин иборат бошанд:

- ҷои қабул бо либосовезак;

- ҳуҷраи парпечкунии кӯдак;

- хонаи хоб;

- хонаи яхдон ва обҷӯшондор;

- ҳоҷатхонаи дастшӯякдор, маҳлули таъмизкунанда барои даст, сачоқ ва ҷевон барои оббозӣ;

44) Дар хонаи модар ва кӯдак мусофирони кӯдакдор ва занҳои ҳомиладор барои муваққатан нишастан (ширдиҳӣ, парпечонӣ ва истироҳати кӯтоҳмуддат то рафтани автобус ё таксии хатсайргард) ва ҳам барои дарозмуддат нишастан бо истифода аз ҷои хоб, қабул карда мешаванд.

Ҳангоми ҳаракати мӯътадили автобусҳо ва таксиҳои хатсайргард аз хонаи модар ва кӯдак мусофирони кӯдакдор танҳо то 3 рӯз истифода бурда метавонанд.

Ба мусофирони кӯдакдор ва занҳои ҳомиладор имкон дода мешавад, ки ба воситаи навбатдори ҳуҷраи кӯдак ва модар бе пардохти ҳаққи чунин хизмат ҳуҷҷатҳои саворагардиро (чиптаҳоро) дастрас намоянд.

45) Терминалҳо тибқи қонуни амалкунанда барои интиқолдиҳандагони хатсайрҳои байналхалқӣ, байнишаҳрии ҳамлу нақли автомобилии мусофирон ва бағоҷ, дар асоси шартномаи байни интиқолдиҳанда ва маъмурияти терминал хизмат мерасонанд.

Илова бар ин хизматрасонии интиқолдиҳандагони мунтазами ҳамлу нақли автомобилии мусофирон ва бағоҷ танҳо бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои барои кор дар хатсайри мувофиқ ба фаъолият иҷозатдиҳанда иҷозат дода мешавад.

46) Рӯбучин ва шустани ҳуҷраҳои терминалҳо аз рӯи ифлосшавиашон дар як рӯз на камтар аз ду бор сурат мегирад.

47) Фурӯши чиптаҳои саворагардӣ (чиптаҳо) аз тариқи хазинаҳои фурӯши чиптаҳои терминалҳо ба роҳ монда мешавад. Дар сурати набудани хазинаҳои фурӯш дар нуқтаҳои байни истгоҳҳои хатсайр, агар ҷои холии нишаст бошад, ҳамчунин, аз ҷониби ронанда ё кондуктори автобус, таксии хатсайргард мавриди ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ дар фосилаи на зиёда аз 50 км сурат мегирад.

48) Дар терминалҳо дар баробари фурӯши ҳаррӯза, фурӯши пешакии ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо), ҳамчунин ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо) бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсия ба хона дастрас кардани онҳо ҷорӣ карда мешавад.

Барои фурӯши пешакии ҳуҷҷатхои саворагардӣ (чиптаҳо), фурӯши ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (ҳуҷҷатҳо) бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва дастрас намудани онҳо ба хона тибқи тарифҳои муқарраркардаи терминалҳо ҳақ (минбаъд пардохти комиссионӣ) гирифта мешавад. Супоридани пардохти комиссионӣ бо хатти расиде, ки дар он номи қабулкунандаи пардохти комиссионӣ ва таърихи додани хатти расид нишон дода шудааст, тасдиқ мегардад.

49) Дар хазинаҳои фурӯши пешакии ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо), аз ҷумла, ба қайд гирифтани таъинот барои чиптае, ки дар он воситаҳои телекоммуникатсия ва тарзи ба хона дастрас намудан истифода мешавад, 7 шабонарӯз пешакӣ оғоз шуда, як рӯз пеш аз сафари автобус, таксии хатсайргард қатъ мегардад.

50) Фурӯши ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо) дар хазинаҳои ҳаррӯза як шабонарӯз пеш аз сафар оғоз шуда, 5 дақиқа пеш аз ҳаракати автобус, таксии хатсайргард қатъ мегардад.

51) Пардохти комиссионӣ новобаста аз ҳуқуқи имтиёздорӣ анҷом мегирад ва ҷуброн карда намешавад.

52) Ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо) бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсия дар хазинаҳои фурӯши пешакии чиптаҳо нигоҳ дошта мешаванд ва бояд на дертар аз 3 соат пеш аз ҳаракати автобус, таксии хатсайргард талаб карда шаванд. Агар ҳуҷҷатхои саворагардӣ (чиптаҳо), ки бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсия фурӯхта шудаанд, дар мӯҳлати муқарраршуда дархост нашаванд, онҳо аз эътибор соқит шуда, ба хазинаи фурӯши ҳаррӯзаи чиптаҳо супорида мешаванд.

53) Дар ҳолати гум шудани ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чипта) ва муроҷиати мусофир ба хазинаи чиптафурӯшии терминал ё интиқолдиҳанда на дертар аз 3 соат пеш аз ҳаракати автобус, таксии хатсайргард, агар интиқолдиҳанда ё терминал тасдиқ кунанд, ки мусофир дар ҳақиқат ҳуҷҷати саворагардӣ (чипта) харида буд, чипта бе пардохт барқарор карда мешавад.

54) Ҳангоми аз ҷониби мусофир то ба сафар баромадани автобус, таксии хатсайргард ба хазинаи чиптафурӯшии терминал баргардонидани ҳуҷҷати саворагардӣ (чипта) ба ӯ ҳақи пардохти ҳуҷҷати саворагардӣ (чипта) баргардонда шуда, пуле, ки маъмурияти терминал барои боҷи комиссионӣ тибқи нархнома пешбинӣ намудааст, аз ин пардохт кам карда мешавад.

55) Ҳангоми баргардонидани ҳуҷҷати саворагардӣ (чипта) дар мавриди дер мондан ба автобус, таксии хатсайргард 50% нархи чипта ҷуброн карда мешавад.

56) Дар ҳолати ба сафар дер мондани автобусҳо ва таксиҳои хатсайргард дар хатсайри байнишаҳрӣ ва байналмилалӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки таъхир ё дермонӣ дар натиҷаи омилҳои ҳалнашаванда ба миён омадааст, интиқолдиҳанда тавассути хазинаи чиптафурӯшии терминал барои ҳар соати дермонии автобус, таксии хатсайргард ба ҳаҷми се дар сади арзиши сафар ба мусофир ҷарима медихад. Лекин маблағи ҷарима аз арзиши чиптаи харидаи мусофир набояд зиёд бошад. Ба ҷуз аз ҷарима зарари ба мусофир расида низ ҷуброн карда мешавад.

57) Дар ҳолати бо сабаби таъхири автобус, таксии хатсайргард аз сафар даст кашидани мусофир дар нуқтаи сафар ба ӯ андозаи роҳкирои додааш пурра баргардонида, ҳамчунин зарари дидааш ҷуброн карда мешавад.

58) Ҳангоми қатъи сафари мусофир бо сабаби беморӣ ё ҳодисаи нохуш, ки бо пешниҳоди хуҷҷати муассисаи тиббӣ тасдиқ шудааст, ё санади ҳодисаи нохуш, ки онро мақомоти маҳаллии ҳифзи ҳуқуқ ё тиббӣ тасдиқ намудаанд, интиқолдиҳанда ба мусофир барои сафари нопурра арзиши роҳкироро ҷуброн мекунад.

59) Ҳангоми бо сабабҳои роҳ, иқлим ё сабабҳои дигар то ҷои таъиншуда бурда натавонистани мусофир, ки ба интиқолдиҳанда вобаста нестанд, арзиши роҳкиро аз маҳалли қатъи сафар то маҳалли таъиншуда дар мӯҳлати ҳашт соат баргардонида мешавад. Дар сурати баргаштани автобус, таксии хатсайргард ба маҳалли ҳаракат ба мусофир арзиши пурраи роҳкиро ва бағоҷ чуброн карда мешавад.

60) Дар ҳолати бо сабабҳои техникӣ дар ҳатсайр ҳаракат карда натавонистани автобус, таксии хатсайргард чиптаҳои ба мусофирон фурӯхташуда барои сафар бо автобус ва таксии хатсайргард, ки интиқолдиҳанда иваз кардааст, автобус ё таксии хатсайргарди дигари ин хатсайр эътибор дорад.

61) Ҳангоми аз ҷониби интиқолдиҳанда ба автобус, таксии хатсайргарди дигар шинондани мусофир, ки ҷои ӯ бо нархи гаронтар дар чипта нишон дода шудааст, сафар тибқи ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо) бе пардохти иловагӣ сурат мегирад.

62) Ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо) барои хатсайрҳои байнишаҳрӣ ва байналхалқии ҳамлу нақли мусофирон ва бағоч бо автобус, таксии хатсайргард барои ҷои нишаст фурӯхта мешаванд.

63) Дар терминалҳо ба хотири таъмини мусофирон бо иттилооти саҳеҳу дақиқ ва саривақтӣ оид ба ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард шарту шароити сафар, интиқоли бағоҷ ва хизматгузориҳои дигар хадамоти маълумотдиҳию иттилоотӣ ташкил карда мешаванд.

Таъмини иттилооти мусофирон тавассути иттилоотномаи айёни баландгӯяк ва иттилои шифоҳӣ ба роҳ монда мешавад.

64) Иттилои айёнӣ дар тамоми шабонарӯз бояд мазмуни хуб ва возеҳу мукаммал дошта бошад.

Агар терминал ба таври шабонарӯзӣ кор накунад, дар ин сурат, аз берун иттилои зайл овехта мешавад:

- ҷадвали ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард, ки мутобиқи хатсайр аз ин терминал мегузаранд;

- вақти кори терминал.

65) Ҷадвали ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард бояд чунин маълумот дошта бошад:

- рақами хатсайр;

- номи хатсайр;

- вақти харакати автобус, таксии хатсайргард;

- вақти расидан ба нуқтаи интиҳоӣ;

- вақти расидан ба терминали мазкур ва вақти таваққуф (барои сафари гузаро - транзитӣ).

66) Иттилои айёнии хазинаҳои чиптафурӯшӣ бояд чунин муҳтаво дошта бошад:

- рақами хазинаи чиптафурӯшӣ;

- тахассус;

- тартиби кор;

- рӯйхати мусофироне, ки мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ ҳуқуқи бе навбат чипта хариданро доранд;

- шарту шароити сафари имтиёзноки мусофирони алоҳида;

- ному насаби чиптафурӯш.

67) Иттилоъ додани мусофирон бо баландгӯяк тавассути шабакаи пахши терминал сурат мегирад.

Садои баландгӯяк бояд ба қоидаву меъёрҳои санитарӣ мутобиқ бошад.

68) Номгӯи ҳатмии иттилоотӣ тавассути баландгӯяк паҳншаванда аз ахбори зерин иборат аст:

- вақти омадани автобусу таксии хатсайргард;

- вақти оғози ба автобус, таксии хатсайргард савор шудан (15 дақиқа пеш аз сафар) ва вақти ҳаракати автобус (5 дақиқа пеш аз сафар);

- истифодаи иловагии воситаи нақлиёт ва фурӯши ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо) ба онҳо;

- кам ё зиёд шудани вақти таваққуфи автобус ва таксии хатсайргард гузаро;

- тартиби қабул ва нигоҳдории бағоҷ;

- номгӯи намуди хизматрасониҳои асосӣ барои мусофирон.

Эълони номгӯи хизматрасонии асосӣ барои мусофирон дар фосилаи эълон оид ба омадан ва рафтани автобусҳо, таксиҳои хатсайргард пахш мегардад. Ҳар эълон ба забонҳои давлатию русӣ такрор мегардад.

69) Иттилои шифоҳиро ба мусофирон иттилодиҳандаи дафтари маълумотдиҳӣ медиҳад. Дафтари маълумотдиҳӣ бояд бо навиштаҷоти зерин таъмин бошад:

- лавҳаи зебои "Дафтари маълумотдиҳӣ" - ба забонҳои давлатию русӣ бо сабти вақти корӣ ва ному насаби маълумотдиҳанда;

- ҷадвали ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард бо нишон додани вақти ҳаракат аз терминали мазкур, вақти расидан ба нуқтаи интиҳоӣ ва вақти омадани ҳамаи автобусҳо, таксиҳои хатсайргард ба ин терминал;

- ҷадвали ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди терминалҳои дигар, ки терминали мазкур бо онҳо рафтуомади мустақими дорад;

- руйхати арзиши чиптаи сафар ва интиқоли бағоҷ дар ҳама хатсайрҳо, ки терминали мазкур ба роҳ мондааст;

70) Номгӯи ҳатмии иттилооте, ки аз дафтари маълумотдиҳӣ дода мешавад, аз инҳо иборат аст:

- вақти сафар ва омадани автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди терминал;

- вақти омадан ва таваққуфи ҳамаи автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди аз терминали мазкур сафаркунанда, дар ҳама нуқтаҳои таваққуфии хатсайр (танҳо барои терминал);

- намуд ва тамғаи автобус, таксиҳои хатсайргард мувофиқи ҷадвал ба сафар бароянда;

- ҷадвали ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард аз рӯи хатсайрҳои вилоятӣ, ҳамчунин, хатсайри вилоятҳои дигар, ки терминали мазкур бо онхо рафтуо дорад;

- рӯйхат ва арзиши хизматгузориҳое, ки терминали мазкур ба мусофирон мерасонад;

- арзиши роҳкиро ва интиқоли бағоҷ;

- қоидаҳои сафари мусофирон ва интиқоли бағоҷ бо автобусҳо, таксиҳои хатсайргард аз нав ба қайдгирии ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо), барои сайри дигар, ҳамчунин тартиби баргардонидани арзиши роҳкиро ва интиқоли бағоҷ дар ҳолатҳои сурат нагирифтани сафар;

- ҷойгиршавии ҳуҷраҳо ва тартиби кори хадамоти ин терминал.

71) Нуқтаҳои саворшавӣ ва фуромадани мусофирон чунин таҷҳизонида мешаванд:

- пешайвонҳо;

- чароғоние, ки ба саворшавии мусофирон ба автобусҳо, таксиҳои хатсайргард ва фуромадани онҳо, супурдану гирифтани бағоҷ, хондани суроға дар шабҳангом мусоидат мекунанд.

- аломатҳое, ки рақами майдончаҳои саворшавӣ доранд ва ҷои ба автобусҳо, таксиҳои хатсайргард саворшавиро нишон медиханд;

- колонкаҳои баландгӯяк барои огоҳкунии мусофирон, панҷарадарҳое, ки майдончаҳои саворшавиро аз қисми роҳи саворагардӣ ҷудо мекунанд;

- ҷиҳоз барои савор кардан ва фуровардани мусофирони маъюб;

- поруқуттиҳо;

Нуқтаҳои саворшавӣ ва фуромадани мусофирон бо канораҳо иҳота шуда, бояд на камтар аз 22 см баландтар аз сатҳи роҳи саворагардӣ бошанд.

72) Мавриди тартиб додани тарзи ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард дар ҳудуди терминал инҳоро бояд ба назар гирифт:

- гардиш танҳо ба тарафи рост ҳангоми баромадан ва дохил шудан ба майдонча;

- таҷҳизонидани нуқтаи гардиши автобусҳо, таксиҳои хатсайргард дар кӯчаҳои пайвастшаванда;

- ҷойгузории автобус, таксиҳои хатсайргард дар назди майдончаи саворшавӣ ва фуромадани мусофирон танҳо бо паҳлӯи рост;

- роҳ надодан ба хатти буриши ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард бо хатти буриши ҳаракати мусофирон;

73) Барои таъмини бехатарии гашторин автобусҳо, таксиҳои хатсайргард дар ҳудуди терминал зарур аст, ки на танҳо нуқтаҳои саворшавӣ ва фуромадани мусофирон, балки тамоми қаламрави терминал мунаввар шуда, панҷараҳое дошта бошанд, ки нуқтаҳои саворшавӣ ва фуромадани мусофиронро аз қисми роҳи саворагард ҷудо мекунанд.

74) Вақти автобусҳо, таксиҳои хатсайргард ба майдончаи саворшавӣ ҳозиршуда аз зудии ба сафарбарории он ва миқдори майдончаҳои саворшавӣ вобаста буда, аз рӯи кори технологии терминал сурат мегирад, лекин ин вақт барои автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди хатсайри байнишаҳрӣ на бояд камтар аз 15 дақиқа то ба сафар баромадан ва барои автобусҳо, таксиҳои хатсайргард хатсайри наздишаҳрӣ на камтар аз 10 дақиқа бошад.

75) Вақти кории бағоҷхона вобаста аз тартиби кори терминал, ҷадвали ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард ва шароити маҳал муқаррар карда мешавад. Танаффуси нисфирӯзии анборчӣ дар бағоҷхонаи ғайриавтоматӣ дар соатҳои камтар будани автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди хатсайри байнишаҳрӣ муқаррар шуда, бағоҷхона бояд на дертар аз 15 дақиқа пеш аз ҳаракати автобус, таксиҳои хатсайргард навбатӣ кушода бошад.

76) Бағоҷ барои нигоҳдорӣ бо ҳар гуна баста новобаста аз шакли беруниаш (ҷомадон, борхалта, баста, зарфи шишагин), қабул карда мешавад. Ашёи алоҳидаро (лижа, аробачаҳо, ҷиҳози варзишӣ ва ба инҳо монанд) ба бағоҷхона бе баста кабул кардан мумкин аст. Баста бояд беосебии борро ҳангоми аз чо ба ҷое бурдан ва дар рафҳои бағоҷхона нигоҳ доштан таъмин намояд.

Ҳангоми қабули бағоҷ ба бағоҷхона бадоштии баста тафтиш карда шуда, дар сурати номувофиқии он аз мусофир хоҳиш мешавад, ки онро дуруст намояд.

Ашёе, ки аз рӯи хосияту таркибашон метавонанд борҳои дигаронро ифлос кунанд ё зарар оранд, ҳамчунин маводи оташангез, тарканда, бадбуй, заҳролудкунанда, заҳрнок, сӯзонанда барои қабул роҳ дода намешавад.

Бағоҷхона барои вайроншавии табиии бағоҷи супурда ҷавобгар нест.

77) Ҳангоми ба бағоҷхонаи ғайриавтоматӣ супурдани бағоҷ ба соҳиби он бо нишондодҳои зерин хатти расид дода мешавад:

- суроға, ракамн бағоҷхона;

- таърихи рӯз;

- ному насаб ва хонаводагии соҳиби бағоҷ;

- миқдори ҷои бағоҷи барои нигоҳдорӣ қабулшуда;

- мӯҳлати нигоҳдорӣ;

- арзиши бағоҷ, барои нигохдорӣ, иллатҳои бастаи бағоҷ (агар бошанд).

78) Агар мавриди қабули бағоҷ иллатҳои баста ошкор гарданд, онҳоро соҳиби бағоҷ дуруст ё мавҷудияташонро дар лавҳаи хатти расид бо имзо тасдиқ мекунад.

79) Хатти расиди бағоҷ ва нусхаи он бо қоғази нусхагузарон навишта, бо хати хоною беислоҳ пур карда мешавад. Нусхаи хатти расид ба бағоҷи барои нигоҳдорӣ супурда часпонда, нусхаи аслии он ба мусофир дода мешавад.

80) Бағоҷи барои нигохдорӣ супурдаи мусофирро корманди бағоҷхона аз рӯи хатти расид медиҳад. Ҳангоми супурдани хатти расиди мусофир ба нусхаи он муқоиса, мӯҳлати нигохдории бағоҷ тафтиш ва бо соҳиби он ҳисобу китоби ниҳоӣ карда мешавад.

Ҳангоми гум шудани хатти расид бағоҷи барои нигохдорӣ қабулшуда бо аризаи хаттӣ ва далели босубот оид ба мансубияти бағоҷ ба соҳибаш дода мешавад. Бағоҷ дар ин сурат бо забонхате дода мешавад, ки дар он ному насаб ва номи хонаводагии соҳиби бағоҷ мутобиқи ҳуҷҷатҳои шахсияташро тасдиққкунанда навишта шудааст.

81) Ҳаққи нигоҳдории бағоҷ барои ҳар рӯзи тақвимӣ бо иловаи рӯзи қабул ва рӯзи додани бағоҷ барои ҳар як ҷои бағоҷ пардохта мешавад.

Мавриди барои нигохдорӣ супурдани бағоҷе, ки андозааш аз як ҷои бағоҷ зиёд аст, ҳақи он барои ҳар як ҷой алоҳида гирифта мешавад.

82) Ҳаққи бағоҷи бо бағоҷмонаки автомобил ба нуқтаи таъин овардашуда барои ҳар рӯзи тақвимӣ, аз соати 00-и рӯзи дигар бо иловаи рӯзи додани бағоҷ аз бағоҷхона барои ҳар як ҷой пардохта мешавад.

Ҳангоми бағоҷро ба нигоҳдорӣ супурдан мусофир метавонад ашёи онро пардохти комиссионӣ эълон бикунад.

83) Ҳангоми бағоҷро ба нигоҳдорӣ супурдан мусофир метавонад арзиши ҳар ашёи супурдааш ё арзиши умумии бағоҷашро эълон бикунад.

Маблағи эълоншуда дар хатти расиди бағоҷ нишон дода мешавад.

84) Дар сурати камомад ё зарар дидани бағоҷ бо иштироки соҳиби бағоҷ, намояндаи интиқолдиҳанда ё корманди бағоҷхона, корманди терминалҳо ва ходими хадамоти хифзи ҳуқуқ дар ду нусха санад тартиб дода мешавад.

Дар санад ному насаб, номи хонаводагӣ, суроғаи соҳиби бағоҷ, миқдори ҷойҳои қабулшудаю додашуда, номгӯи ашёи гумшуда ё навъи зарари расида, маблағи эълоншудаи ашё, агар бо ҳуҷҷаат тасдиқ гардида бошад, нишон дода мешавад.

Як нусхаи санад ба соҳиби бағоҷ дода мешавад.

85) Подоши зарари дар натиҷаи гум шудани бағоҷ ё камомаду халалдор гаштани ашёи ба бағоҷхона супурда то ҳадди маблағи асосии он аз ҷониби нигоҳдоранда дар мӯҳлати бисту чор соати баъди дархости ҷуброн ба соҳиби бағоҷ баргардонида мешавад.

## Боби VI ТАШКИЛИ РАҲНАМОИИ ҲАРАКАТИ АВТОМОБИЛҲО ТАВАССУТИ ТАНЗИМГАРОН

86) Раҳнамоии танзимӣ ин идоракунии ҳаракат, назорати пайвастаи риояи ҷадвал ва танзими саривақтӣ барои таъмини мураттабу мунтазами ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди дар хатсайрҳо, ҳамчунин мутобиқсозии ҷараёни технологии ҳамлу нақли мусофирон бо тамоми намуди нақлиёт мебошад.

Раҳнамоии танзимиро хадамоти танзимкунанда ба роҳ мемонад.

87) Вазифаҳои асосии хадамоти танзимкунанда аз инҳо иборат аст:

- назорат аз рӯи саривақт рафтану омадани автобусҳо, таксиҳои хатсайргард ба нуқтаҳои охир ва мобайнии хатсайрҳо;

- назорат ва ба низом овардани ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард дар хатсайрҳо;

- интиқолдиҳандагону мусофирон, хадамоти танзимкунандаи терминалҳои дигарро аз хусуси мушкилиҳои сафар дар хатсайр, аз ҷумла, маҳдуд ё манъ шудани ҳаракат, ки ба шароити иқлиму обу ҳаво ё худ сабабҳои дигари дар роҳ рухдода вобастаанд, хабардор кардан;

- ҷобаҷокунии мусофирон ҳангоми маҳдуд ё манъ шудани ҳаракат дар хатсайр, бо сабабҳои шароиту иқлими обу ҳаво ё ҳодисаҳои дигар, ки дар роҳ рух додаанд;

- кормандони хадамоти роҳ, милисаи нақлиёт, ҳолатҳои фавқулодаро аз хусуси мушкилиҳои сафар дар хатсайр, аз ҷумла, маҳдуд ё ғайриимкон будани ҳаракат бо сабабҳои шароити иқлим, омилҳои дигари дар роҳҳо ба миён омада ва бо ин сабабҳо саривақт нарасидани автобусҳо, таксиҳои хатсайргард хабар намудан;

- назорати саривақт омода шудани автобусҳо, таксиҳои хатсайргард барои савор кардани мусофирон ва боркунии бағоҷ бо риояи талаботи санитарии дар мӯҳлати тибқи ҷадвал муқарраршуда;

- назорати пеш аз хатсайри муоинаи тиббии ронандагон ва тафтиши ҳолати техникии автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди (бо доштани ҳуҷҷатхое, ки хадамоти марбутаи терминал ё интиқолдиҳанда тасдиқ кардаанд);

- назорати риояи тартиби меҳнат ва фароғати ронандагони автобусҳо, таксиҳои хатсайргард;

- кормандони хадамоти танзимкунандаи терминалҳои дигарро аз хусуси будани ҷои холӣ ё холишаванда дар автобусҳо, таксиҳои хатсайргард ҳамчунин оид ба тағйирот дар ҷадвали ҳаракат ё вақти барвақтар (дертар) омадани автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди, бекор ё илова намудани сафарҳои иловагӣ, ки дар ҷадвал ба назар гирифта нашудаанд, фиристодани автобусҳо, таксиҳои хатсайргард иловагӣ хабардор кардан;

- ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳои сафар ва ба роҳ мондани дафтари қайди танзим;

- тафтиши ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳандаи ронанда ( шаҳодатнома ё иҷозатнома, нақшаи хатсайрҳо, роҳхат барои ба роҳ мондани ҳамлу нақли мусофирон дар хатсайри муайян);

- ҳармоҳа маълумот додан ба мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии аз хусуси қатъ ё халалдор шудани ҷадвали ҳаракат, қоидавайронкуниҳои Қоидаҳои мазкур, ки аз ҷониби интиқолдиҳандагони ҳамлу нақли мунтазами мусофиру бағоҷ бо автомобил рух медиҳанд (*Фармоиш аз 04.03.2010* № 7).

88) Дар сурати халалдор шудани ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард ҳаракати фаврии танзимшавандаи он ба роҳ монда мешавад.

Танзими фаврии ҳаракат чунин сурат мегирад:

- дар ҳолати дер омадани автобус, таксиҳои хатсайргард таваққуфи (исти) автобус, таксиҳои хатсайргард на камтар аз сеяки вақти исти дар ҷадвал муқараршуда кам карда мешавад (исти то панҷ дақиқа кӯтоҳ карда намешавад). Мусофирони автобусҳо, таксиҳои хатсайргард бояд аз кӯтоҳ шудани вақти ист огоҳ карда шаванд;

- ҳангоми афзудани вақти таъхир ба нуқтаи интиҳоии хатсайр, агар имкони саривақт ба автобус, таксиҳои хатсайргард таъмин кардан ва ба ҷои аввал бурдани мусофир набошад, воситаи нақлиёт бо воситаи нақлиёти эҳтиётӣ таъмин карда мешавад;

- дар ин сурат суръати харакат аз суръати дар Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ муқарраргашта зиёд нашуда, ҳангоми таъхири автобус, таксиҳои хатсайргард на камтар аз даҳ-понздаҳ фоизи меъёри муқарраршударо ташкил медиҳад. Зиёдшавии суръат набояд бехатарии ҳаракатро халалдор кунад, ҳамчунин ба афзудани суръат дар хатсайрҳои мушкилгузари кӯҳӣ, ё ҳангоми пеш омадани душвориҳо бо сабабҳои иқлимӣ ва шароитҳои дигар иҷозат дода намешавад;

- ҳангоми аз вақти муқаррар шуда пештар омадани автобус, таксии хатсайргард вай то вақти дар ҷадвал муқарраршуда боздошта мешавад;

- ҳангоми халалдор шудани хатти сафар;

- автобус, таксии хатсайргарди наомада бо автобус, таксии хатсайргарди эҳтиётӣ (резерв) иваз карда мешавад;

- агар ҳамаи мусофирон дар солуни як автобус, таксии хатсайргард мувофиқи ҷойхо ҷобаҷо шуда тавонанд, ду сафари як хатсайр як ҷо карда мешавад;

- иваз кардани автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди як хатсайр ва мутобиқ намудани онҳо ба ҷадвали аввала (ба ҷои автобус, таксиҳои хатсайргарди бо сабабҳои техникӣ наомада ё аз хатсайр беруншуда) аз ҳисоби вақти холӣ истифодаи автобус, таксиҳои хатсайргарди байнихатии сафарӣ бо истифодаи автобус, таксиҳои хатсайргарди эҳтиётӣ ба роҳ монда мешавад.

89) Агар таъхири ба сафар баромадани автобус, таксиҳои хатсайргард аз бист дақиқа зиёд бошад, он гоҳ танзимгар ба нуқтаи дигари танзими хатсайр ва дар мавриди набудани автобус, таксии хатсайргард ба ҳамаи нуқтаҳои танзими дар хатсайр буда хабар медихад.

Танзимгар оид ба бекор шудани хатсайр, ба сафар баромадани автобус, таксиҳои хатсайргарди аз рӯи ҷадвал муайяншуда ё аз хусуси воситаи нақлиёти иловагӣ бо нишон додани вақти аниқи ҳаракат ва вақти тахминии омада расидани он ба нуқтаҳои охир ва мобайнии танзим хабар медихад.

90) Ҳангоми ба сафар фиристодани автобус, таксии хатсайргард танзимгар муоинаи пешазсафарии (пеш аз қабули басти корӣ) ронанда, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои пеш аз сафарии ҳолати техникии автобус, таксии хатсайргардро (ҳуҷҷатҳои аз ҷониби хадамоти терминал ё интиқолдиҳанда тасдиқшуда) аз назар гузаронда, аз ин хусус дар роҳхат қайдҳои даркорӣ мегузорад.

91) Автобус, таксиҳои хатсайргарде, ки аз тафтиши пеш аз сафарӣ (пеш аз қабули басти корӣ), ҳамчунин ронандаҳое, ки аз муоинаи тибии пеш аз сафарӣ (пеш аз қабули басти корӣ) нагузаштаанд ё тартиби муқарраршудаи меҳнату истироҳатро риоя накардаанд, ба сафар иҷозат дода намешаванд.

92) Дар ҳолати бо сабабҳои мушкилоти иқлимӣ мутобиқи ҷадвали наомадани автобус, таксии хатсайргард танзимгар барои муайян намудани сабабҳои таъхир тадбирҳо андешида, аз ин хусус ба нуқтаи марказии танзим ва интиқолдиҳандае, ки ба хатсайри мазкур хизмат мерасонад, бо мақсади кӯмаки зарурии техникӣ расонидан ба автобус, таксии хатсайргард ва интиқоли мусофир ба ҷои таъиншуда хабар медихад.

93) Манзили танзимгарон аз толори фаъол (хазинаҳои чиптафурӯшӣ) ҷудо буда, бояд ба нуқтаҳои саворшавӣ ва фуромадани мусофирон роҳи баромад дошта бошад.

94) Ҷойгиршавии манзили кори танзимгар бояд чунон бошад, ки ӯ имкони назорати майдончаҳои саворшавию фаромадан, рафтуомади автобусҳо, таксиҳои хатсайргардро дошта бошад, ҳамчунин бо дастгоҳи идоракунии махсус, идоракунии иттилоотӣ, дастгоҳи баландгӯяк таҷҳизонида, бо маъмурияти терминал. хазинаҳои чиптафурӯшӣ, дафтари маълумотдиҳӣ ва бо нуқтаи маркази хадамоти танзим алоқаи техникии дохилӣ дошта бошад.

Ҷои танзимгар ҳамчунин бояд бо алоқаи телефонӣ ё электронӣ (радиоалоқа) бо нуқтаҳои дигари танзим, ки дар шабакаи хатсайр хизмат мерасонанд, таъмин бошад.

## Боби VII ТАЛАБОТ НИБАТ БА "ИНТИҚОЛДИҲАНДА"

95) Барои риоя намудани ҷадвали ҳаракати хатсайри мувофиқ мутобиқи қарордоди қабулшуда бо мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолдиҳанда новобаста аз шакли моликият ва мансубияти идоравиаш иҷрои талаботи зеринро таъмин менамояд (*Фармоиш аз 04.03.2010* *№ 7*):

- дар хатсайрҳои шаҳрӣ автобус, таксии хатсайргардро ба нуқтаи танзим ва хатсайрҳои наздишаҳрӣ ва байнишаҳрӣ ба терминали мусофирбар 10-12 дақиқа пеш аз вақти мутобиқи ҷадвали ҳаракат

муайяншуда равона менамояд, ки он ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷиҳати техникӣ ҷавобгӯ аст ва дорои таҷҳизоти мувофиқ ва ҳуҷҷатҳои ронандагӣ мебошад;

- таъмин намудани автобусҳо, таксиҳои хатсайргард бо ронандагони дараҷаи мувофиқ ва собиқаи корӣ на кам аз 3 сол;

- гузаронидани муоинаи ҳаррӯзаи тибии ронандагон ва муоинаи техникии автобус, таксии хатсайргард пеш аз сафар;

- сари вақт гузаронидани таҷрибаомӯзӣ (барномаи 40-соата)дастурдиҳӣ ва таъмини ронандагон бо нақшаи хатсайр;

- риоя намудани интизоми ҳамлу нақл ва меъёрҳои ғунҷоиш дар автобус, таксии хатсайргард;

- таъмини реҷаи кори муайяншуда ва истироҳати ронандагон;

- ҷудо намудани автобусҳо, таксиҳои хатсайргард мутобиқи муқаррароти ҷадвали ҳаракат;

- таъмин ва нигоҳубин намудани нишондиҳандаҳои ҷадвали ҳаракат дар хатсайрҳои;

- иҷро намудани мунтазамнокии ҳаракат дар хатсайрҳои вобасташуда;

- иҷро намудани шартҳои озмун, қарордоди байни мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартнома бо терминали мусофирбар (*Фармоиш аз 04.03.2010* № 7);

- қайд намудани варақаҳои мунтазамии ронандагон оид ба омадан ва ба сафар баромадани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар нуқтаҳои оғоз, миёна, нуқтаҳои охир, дар нуқтаҳои танзимкунӣ дар хатсайрҳои шаҳрӣ ва дар терминалҳои мусофирбар ва нуқтаҳои танзимкунӣ дар хатсайрҳои байналмиллалӣ, байнишаҳрӣ ва наздишаҳрӣ;

- захиракунии автобусҳо, таксиҳои хатсайргард барои баланд бардоштани мунтазамии ҳаракат ва сифати хизматрасонӣ ба мусофирон;

- таъмини бехатарии интиқоли мусофирон;

- сари вақт иваз намудани автобус, таксии хатсайргарди корношоямшуда дар роҳ дар муддати як соат ва ё бозгардонидани маблағи роҳкиро;

- бо чипта таъмин намудани ронандагон барои таъмини мусофирон дар хати сафар дар ҳолати мавҷуд набудани терминалҳои мусофирбарӣ;

- таъмин намудани ҳифзи бағоҷи супоридаи мусофирон;

- таъмини иттилоотии мусофирон дар сафар;

- таъмин намудани муоинаи тиббии ҳарсолаи ронандагон;

- таъмини пардохти роҳкиро дар хатсайрҳои шаҳрӣ, наздишаҳрӣ ва байнишаҳрӣ тибқи тарифҳои муқарраркардаи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолати набудани терминалҳои мусофирбарӣ;

- ҳармоҳа мувофиқа намудани ҷадвали ҳаракати хатсайрҳо бо мақомотҳои ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (*Фармоиш аз 04.03.2010* № 7).

## Боби VIII ВОБАСТАКУНИИ ХАТСАЙР

96) Барои муайян кардан ва дар оянда вобаста намудани интиқолдиҳанда дар хатсайрҳои амалкунанда:

- дар хатсайр барои хизматрасониҳои нақлиётӣ ба мусофирон озмун гузаронида мешавад;

- аз рӯи натиҷаҳои озмун байни интиқолдиҳандагон ва мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳри Душанбе бо мақомоти ваколатдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оиди ташкил намудани ҳамлу нақли мунтазами автомобилии мусофирон ба мӯҳлате, ки дар иҷозатнома нишон дода шудааст, шартнома баста мешавад. Баъд аз ба охир расидани мӯҳлати амали шартнома хатсайр аз нав ба озмун гузошта мешавад. Дар сурате, ки интиқолдиҳанда шарту талаботҳои дар қоидаи мазкур ва шартнома омадаро пурра риоя намояд, барои хизматрасониҳои нақлиётӣ ба мусофирон шароитҳои мусоид фароҳам орад, дар корхона нававариҳо ҷорӣ намояд ва ба қонунвайронкуниҳо роҳ надиҳад, ӯ ҳуқуқ дорад, барои тамдид намудани амали қарордод ба комиссияи озмун гувоҳнома пешниҳод намояд;

- дар сурати дар мӯҳлати муайяншуда баргузор нагардидани озмун, бо қарори комиссияи озмун хатсайр ба интиқолдиҳанда ба мӯҳлати як сол то гузаронидани озмуни навбатӣ вобаста карда мешавад. Дар ин маврид интиқолдиҳанда бо мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар шаҳри Душанбе бо мақомоти ваколатдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оиди хизматрасониҳои нақлиётӣ, шартнома мебандад;

- ҳангоми кушодани хатсайри нав бо қарори комиссияи озмун хатсайр то озмун ба интиқолдиҳандае, ки хоҳиши амалӣ намудани хизматрасониҳои нақлиётиро дар хатсайри мазкур дорад, ва ё ташаббускори кушодани ин хатсайри нав мебошад, вобаста мешавад. Ҳамзамон комиссияи озмун ба мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар шаҳри Душанбе - бо мақомоти ваколатдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати бастани қарордоди муваққатӣ бо ин интиқолдиҳанда супориш медиҳад;

- дар асоси шартнома байни интиқолдиҳанда ва мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолдиҳанда ӯҳдадор аст бо терминал оиди ҳамкорӣ ҷиҳати хизматрасониҳои нақлиётии мусофирбарӣ дар хатсайр шартнома бандад;

- дар сурати риоя нагардидани талаботҳои Қоидаи мазкур, иҷро нагардидани ҳаҷми корҳо дар давоми 2 моҳ (камтар аз 20% -и нақша) мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳри Душанбе-мақомоти ваколатдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оиди бекор намудани шартнома бо интиқолдиҳандаи мазкур гувоҳинома медиҳад ва бо қарори комиссияи озмун хатсайрро то гузаронидани озмун ба интиқолдиҳандаи дигар вобаста менамояд(*Фармоиш аз 04.03.2010* № 7).

## Боби IX ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМУН БАРОИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ХАТСАЙРҲО

97) Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси комиссияи озмун ва ташкилкунандаи озмунро ҷиҳати дида баромадани дархост барои гирифтани ҳуқуқи хизматрасониҳо дар хатсайрҳо ва тақсимоти ҷадвали ҳаракатро миёни интиқолдиҳандагон чунин муайян менамояд:

- барои ҳуқуқи хизматрасониҳо ва тақсимоти ҷадвали ҳаракат миёни интиқолдиҳандагон дар хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрӣ (дохиливилоятӣ, байнивилоятӣ), шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ- раиси комиссия - намояндаи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилкунандаи озмун - мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои ҳуқуқи хизматрасониҳо ва тақсимоти ҷадвали ҳаракат миёни интиқолдиҳандагон дар хатсайрҳои мунтазами шаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бо автомобилҳо дар шаҳри Душанбе- раиси комиссия мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, ташкилкунандаи озмун-мақомоти ваколатдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии шаҳри Душанбе.

Ташкилкунандаи озмун тибқи банди 101 ҳамин Қоидаҳо корҳои омодагиро ба сомон расонида, раиси комиссияро аз сана ва макони баргузории озмун огоҳ менамояд.

Шумораи аъзоёни комиссия бояд аз шумораи тоқ, на камтар аз се нафар иборат бошад.

Ба ҳайати Комиссия ғайр аз Раис ва ташкилкунандаи озмун намояндагони мақомотҳои иҷроияи ҳокимиятҳои давлатӣ, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ шомил мегарданд.

Ба ҳайати комиссия метавонанд намояндагони ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ба ҳамлу нақли автомобилӣ сару кор дошта, мумайизҳои (эксперт) соҳаи ташкили ҳамлу нақли мусофирон шомил гарданд(*Фармоиш аз 04.03.2010* № 7).

98) Комиссияи тендерӣ:

- кушодан ва дида баромадани дархости ҳуҷҷатҳои тендерӣ дар мӯҳлате, ки ҳуҷҷатҳои тендерӣ муқаррар намудааст амалӣ намуда, онро бо протоколи кушодани дархости тендерӣ ба расмият медарорад.

- баррасӣ, баҳогузорӣ ва муқоисашавии дархости тендерӣ, истифодабарии раванд ва усуле, ки ҳуҷҷатгузории тендерӣ муқаррар намудааст, мегузаронад;

99) Интиқолдиҳанда аз рӯзи додани дархост ба комиссияи тендерӣ мақоми довталабро мегирад.

Мақоми довталаб бо хоҳиши довталаб - дар давоми тамоми марҳилаи тайёрӣ бекор ҳисобида мешавад.

Довталаб аз ташкилкунандагони озмун ҳуқуқи гирифтани маълумотҳоро дар бораи шартҳо ва тартиби гузаронидани тендерро дорад.

100) Барои гирифтани мақоми иштирокчии тендер аз ҷониби ташкилкунандагони тендер, интиқолдиҳанда бояд ба талаботҳои ихтисосии зерин мувофиқат намояд:

- мувофиқат кардан ба талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нақлиёт", "Оинномаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва ба Қоидаҳои мазкур;

- доштани малакаи зарурии касбӣ ва базаи техникию истеҳсолӣ, таҷриба ва некномӣ (репутатсия), доштани захираҳои молиявӣ, таҷҳизотҳо ва дигар имкониятҳои моддӣ - техникӣ барои иҷро намудани ӯҳдадориҳои худӣ;

- набояд пардохтношоям, муфлис, дар ҳолати муфлисшавӣ қарор доштан, моликияташ ба гарав гузошта нашуда, фаъолияти кории ӯро мақомотҳои судӣ ва ё ашхоси таъиншуда дахолат намекунад, фаъолияти тиҷоратии ӯ боздошта нашудааст ва объекти мурофиаи баҳсҳои судӣ қарор надошта бошад;

- барои содир кардани ҷиноятҳои ғаразнок ҳуқуқи фаъолиятро дар дигар соҳаҳои муайян бо қарори суд манъ нашудааст;

- аз пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ қарздор набошад;

- имконияти хизматрасониро ба нархи пасти тарифҳои номиналӣ амалӣ намояд;

- имконияти барои ҳамлу нақл пешниҳод намудани воситаҳои нақлиёти автомобилие, ки ба талаботҳои техникӣ, санитарӣ - экологӣ ва фароғатие (комфортабельный), ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошанд, дошта бошад;

- бояд шахси ҳуқуқӣ барои бастани шартномаҳо ва аҳдномаҳоро бошад.

Ташкилкунандаи озмун ҳуқуқ дорад аз интиқолдиҳандагоне, ки дар раванди тендерӣ иштироккунанда пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои исботкунанда ва ё дигар маълумотро дар бораи мувофиқат кардан ба талаботҳои ихтисосӣ талаб намояд.

Талаботҳои ихтисосии дар банди мазкур омада, дар ҳуҷҷатгузории озмун ё дигар ҳуҷҷатҳо барои ҷалби пешниҳодҳо сабт карда мешавад. Ин талаботҳои ихтисосӣ ба ҳамаи интиқолдиҳандагон баробар дахл дорад.

Комиссияи озмун маълумотҳои ихтисосии интиқолдиҳандагонро дар асоси меъёрҳои ихтисосӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои озмун пешниҳод шудаанд, баҳогузорӣ менамояд.

101) Даъватнома барои иштирок дар амалиётҳои озмун дар матбуоти даврӣ нашр мешавад ва маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- номгӯй ва суроғаи ҳуқуқии ташкилкунандаи озмун;

- тавсифи пешниҳодҳои озмун;

- воситаҳо ва макони гирифтани ҳуҷҷатҳои озмун ва андозаи пардохт барои ӯ мутобиқи хароҷотҳои калкулятсионӣ на зиёда аз 3 маоши ҳадди ақал;

- ҷой ва мӯҳлати кушодани дархостҳои озмун;

Озмун дар ҳолати иштирок намудани на камтар аз ду довталаб гузаронида мешавад

102) Мӯҳлати охирини пешниҳодҳои дархостҳо ба озмун, дар ҳуҷҷатҳои озмун муайян мешавад ва на бояд аз се ҳафта камтар аз рӯзи қабули нашри даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмунро дар бар гирад.

## Боби X ХАТСАЙРҲОИ МУНТАЗАМИ НАЗДИШАҲРӢ ВА ШАҲРИИ ҲАМЛУ 0НАҚЛИ МУСОФИРОН БО НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

103) Хатсайрҳои мунтазами наздишаҳрӣ ва шаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ мутобиқи шабакаи хатсайрҳои аз тарафи мақомотҳои ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои иқроияи ҳокимияти давлатӣ, ҳамлу нақли мусофирон дар шаҳри Душанбе мутобиқи хатсайрҳои тасдиқшудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе амалӣ мегарданд, ки дар асоси маҷмӯъаи сохтори рушди нақлиёти мусофирбарӣ ва таҳлили селаи мусофирон ташкил шудааст ва бо дархостҳои шаҳрвандон ба роҳ монда мешаванд (*Фармоиш аз 04.03.2010* № 7).

104) Шабакаи хатсайрҳои мунтазами наздишаҳрӣ ва шаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ бояд тавре ташкил карда шавад, ки хатсайрҳо такрор нашаванд, инчунин дар як самт ҳаракат намудани фаъолияти ду хатсайр на камтар аз 50% -и истгоҳро ташкил намояд.

105) Хатсайрҳои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ аз рӯи яке аз реҷаҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

- муқаррарӣ (дар хатсайрҳои мунтазами шаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ), ки бо автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди шаҳрие, ки на кам аз ду дари саворшавӣ ва фуромадани мусофиронро дошта бошад;

- муқаррарӣ (дар хатсайрҳои мунтазами наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобил), ки бо автобусҳои шаҳрӣ, таксиҳои хатсайргард бо мавҷудияти истгоҳҳои дар ҳамаи нақшаи хатсайр нишондодашуда, ки масофаи байнашон дар ҳудуди шаҳр аз 400 то 800 м бошад;

- бо тариқи босуръат ҳаракат кардан (экспрессӣ) (фақат барои ҳамлу нақли шаҳрӣ), ки на зиёда аз ду дари мусофирдаровӣ дошта ва бо мавҷудияти истгоҳҳои дар нақшаи хатсайрҳо нишондодашуда, ки масофаи байни онҳо бояд аз 1,5 то 3,0 км ,ро дар бар мегирад, доранд.

106) Мутобиқи хусусиятҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ, хатсайрҳои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон метавонад чунин моҳият дошта бошад;

- доимӣ, дар давоми марҳилаи шабонарӯзӣ ташкилшуда ё дар давоми тамоми ҳафта амалкунанда;

- иловагӣ, дар рӯзҳои муайян ё дар давоми як шабонарӯз (рӯзҳои истироҳат ва ид ё анбӯҳи мусофирон) амалкунанда;

- мавсимӣ, дар марҳилаи пешакӣ ташкилшудаи фосилаи вақт (дар мавсими истироҳат, чорабиниҳои варзишӣ- тандурустӣ) амалкунанда;

- муваққатӣ, кӯтоҳмуддат амалкунанда (ҳангоми рух додани воқеаҳои пешбининашуда дар роҳ, ки ба хизматрасонии муқаррарӣ монеъ мешаванд).

107) Саворшавӣ ва фуромадани мусофирон ба воситаи нақлиёти автомобилӣ аз рӯи чунин тартиб ташкил карда мешавад:

- дар автобусҳо, таксиҳои хатсайргард, ки як дар доранд, аввал фуромадан ва баъд саворшавӣ ба роҳ монда мешавад;

- дар автобусҳо, ки ду дар доранд, саворшавӣ ба воситаи ҳар ду дар, вале фуромадан ба воситаи дари пеш сурат мегирад;

- дар автобусҳо, ки ду ё зиёда дар доранд, саворшавӣ ба воситаи ҳамаи дарҳо ва фуромадан ба воситаи дари пеш ташкил карда мешавад.

108) Ба саворшавии бенавбат, ҳамчунин барои аз дари пеши автобус, таксии хатсайргард савор шудан танҳо маъюбон, нафақахӯрон, занҳои ҳомила ва кӯдакони синни томактабӣ дошта ҳақ доранд.

109) Дар солуни автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди дар хатсайрҳои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон истифодашаванда барои маъюбон, нафақахӯрон, занҳои ҳомиладор ва кӯдакони синни томактабидошта аз 4 то 8 ҷой (вобаста аз ғунҷоиши дар шиноснома нишондодашуда) ҷудо карда мешавад.

110) Дар ҳолати мавҷуд будани нуқтаҳои исти дар хатсайрҳои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон "бо талаби мусофирон" ронанда ё кондуктор бояд пешакӣ аз зарурати манъкунӣ дар нуқтаи исти нишондодашуда бохабар карда шаванд. Барои фуромадани мусофирон дар чунин нуқтаҳои даркорӣ ронанда бояд воситаи нақлиётро боз дорад.

111) Дар вақти сафари мусофирон дар хатсайрҳои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бо автомобил бояд ба инҳо роҳ дода нашаванд:

- сафар дар зинапоя ва дигар қисмҳои барҷастаи автобус, таксии хатсайргард;

- баромадан ва даромадан ба автобус, таксии хатсайргард ҳангоми пурра наистодан ё ҳаракат кардани он;

- монеъшавӣ ба пӯшидан ё кушодани дарҳои автобус, таксии хатсайргард;

- ҳангоми ҳаракати автобус, таксии хатсайргард диққати ронандаро бо гапзанӣ халалдор кардан;

- вайронкунии асбобҳои дохилӣ ва таҷҳизоти солуни автобус, таксии хатсайргард;

- сигоркашӣ, ифлоскунии солун ва истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бурдани ашёҳои оташангез, тарканда, заҳролкунанда, зудобшаванда, заҳрдор, сӯзанда ва бадбӯй, силоҳи бе ғилоф ва беҳуҷҷат, ҳамчунин маводҳо ва ашёҳое, ки интиқолаш манъ аст.

112) Дар хатсайрҳои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ интиқоли мусофирон ва пуркунии солуни автобусҳо ва таксиҳои хатсайргард тибқи ғунчоишашон, ки аз тарафи муассисаи истеҳсолӣ пешниҳод шудааст, иҷозат дода мешавад:

- дар автобусҳо шумораи нишастагон ва рост истодагон бояд на зиёда аз миқдори ғунчоиши нишондодашуда бошад;

- дар таксиҳои хатсайргард бояд аз ҷойҳои нишаст зиёд мусофир набошад.

113) Дар хатсайрҳои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон дар солуни автобусҳо ва таксиҳои хатсайргард кашонидани бор бепардохти ҳақи иловагӣ танҳо барои як ҷои бори дастии андозааш то 60 х 40 х 20 см ва вазнаш на зиёд аз 20кг, ҳамчунин, ҷуфти лижаҳои ғилофдор, аробачаи бачагона ва чана (танҳо дар автобусҳо) иҷозат дода мешавад.

114) Интиқоли бори дастии аз андозаи дар банди 113 Қоидаи мазкур нишондодашуда зиёд, танҳо дар ҷойхои бағоҷмонӣ ва бо пардохти ҳақи иловагӣ мувофиқи тарифи амалкунанда иҷозат дода мешавад.

115) Баста ва интиқоли бори дастӣ ба дигар мусофирон ва ё таҷҳизоти солуни автобус ва таксиҳои хатсайргард набояд халал расонад (ё солунро ифлос накунад).

116) Дар хатсайрхои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бурдани ҳайвоноти хурд ва паррандаҳо дар даруни кафас бе пул ичозат дода мешавад.

Интиқоли сагҳо дар ҷойҳои иловагии бағоҷмонӣ бо пузбанд ва гарданбанд ба роҳ монда мешавад.

117) Дар автобусҳо ҳангоми ба амал баровардани ҳамлу нақли мунтазами шаҳрии мусофирон ва бағоҷ, ки аз рӯи реҷаи зудҳаракаткунӣ (экспрессӣ) амал мекунанд, барои мусофирон бурдани бор мутобиқи тарифи амалкунанда, дар ҷои бағоҷҷамъкунӣ ва дар ҳаҷми на зиёда аз 120 х 60 х 40 см барои ҳар як ҷой бо пардохти иловагии ҳақ иҷозат дода мешавад.

118) Ба мусофирон дар хатсайри шаҳрӣ барои бағоҷи ба интиқолсупурда чиптаи назоратӣ ва дар алоқаҳои наздишаҳрӣ бошадхатти расиди бағоҷ дода мешавад.

119) Мусофир дар вақти супурдани бағоҷ барои интиқол метавонад қурби онро аз рӯи боҷи барқароршуда эълон дорад ва ин дар хатти расид дарҷ мегардад.

Пардохти ҳақи саворагард (роҳкиро) ва боркашонӣ дар хатсайрҳои шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ

120) Мусофир метавонад ҳақи сафар ва бори дастии аз меъёри муқарраршуда зиёд, ҳамчунин ҳақи бағоҷро дар хатсайрҳои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон бо пули накд ҳангоми саворшавӣ ба автобус, таксии хатсайргард ба кондуктор (ронанда) супорад.

121) Санади пардохти ҳаки саворагардӣ, интиқоли бори дастии аз меъёри муқарраршуда зиёд ва бағоҷ ҳангоми додани чиптаҳои якмаротибагӣ ба қайд гирифта мешавад, ки маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- силсила ва рақам;

- намуди хатсайр;

- номи нуқтаи аҳолинишин;

- нархи рохкиро;

- соли баромади чипта.

122) Чиптаи назоратии якмаротибагӣ танҳо барои саворгардӣ дар як хатсайр, новобаста аз масофаи тайкардаи мусофир, эътибор дорад.

123) Дар сурати рух додани ҳолатҳое, ки дар натиҷаи он автобус ё таксии хатсайргард ҳаракатро аз рӯи хатсайр бо сабабҳои техникӣ давом дода наметавонад, чиптаҳои назоратии якмаротибагиро барои савор шудан ба автобус ё таксии хатсайргарди дигари ин хатсайр истифода бурдан мумкин аст.

124) Мусофир роҳкиро ва ҳақи бағоҷро мувофиқи тарифҳо вобаста аз масофаи сафари муқарраршуда дар хатсайрҳои мунтазами шаҳрӣ ва наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон пеш аз сафар ба хазинаҳои чиптафурӯшии терминал, ё ба кондуктор (ронанда) дар вақти саворшавӣ ба автобус, таксии хатсайргард дар нуқтаи васатии хатсайр месупорад.

125) Пардохти роҳкирои дар хатсайрхои наздишаҳрӣ бо додани ҳуҷҷатҳое (чиптае), ки чунин муҳтаво доранд, исбот мешавад:

- силсила ва рақами чипта;

- нуқтаи сафарбаркунӣ ва таъинот;

- нархи роҳкирои супурдашуда;

- вақт ва мӯҳлати сафар.

126) Далели пардохти ҳақи интиқоли бағоҷ дар вақти ба мусофир додани хатти расид ба кайд гирифта мешавад, ки маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- рақами хатти расид;

- нуқтаи сафарбаркунӣ ва таъмин;

- миқдори ҷой барои бағоҷ;

- қурбнокии бағоҷ (ҳангоми аз тарафи мусофир маълумот додан дар бораи он);

- маблағи пардохтшуда барои интиқоли бағоҷ;

- таърих ва вақти сафар.

127) Чиптаҳои бисёркаратаи саворагардӣ барои мӯҳлати муайяншудаи тақвимӣ дар нуқтаҳои фурӯш, ки аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ташкил карда шудаанд, ҳамчунин аз тарафи интиқолдиҳандагон ба воситаи кондукторон (ронандаҳо) фурӯхта мешаванд.

Фурӯши чиптаҳои бисёркаратаи саворагардӣ бо пешниҳод намудани ҳуҷҷате, ки имтиёзро тасдиқ менамояд, амалӣ карда мешавад.

128) Чиптаҳои бисёркаратаи саворагардии барои сафари шаҳрӣ таъиншуда дар хатсайрҳои наздишаҳрии ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ боэътибор дониста ҳисоб карда мешаванд.

Чиптаҳои бисёркаратаи саворагардӣ, барои интиқоли бағоҷ ва бори дастии аз меъёри муқарраршуда зиёд истифода намешаванд.

Мусофире, ки чиптаи бисёркаратаи саворагардӣ дорад, онро дар вақти савор шудан ба автобус ё таксии хатсайргард ба кондуктор (ронанда) пешниҳод мекунад.

Агар мусофир чиптаи бисёркаратаи имтиёзнокро истифода барад, бояд ҳуҷҷатеро, ки ҳуқуқ ба имтиёз доштанашро тасдиқ мекунад, бо худ дошта бошад.

## Боби XI ҲАМЛУ НАҚЛИ МУНТАЗАМИ БАЙНИШАҲРИИ (ДОХИЛИВИЛОЯТӢ) АВТОМОБИЛИИ МУСОФИРОН ВА БАҒОҶ

129) Ҳамлу нақли мунтазами байнишаҳрии (дохиливилоятӣ) мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ мутобиқи шабакаи нақлиётии аз ҷониби мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии тасдиқшуда, дар асоси таҳлили анбӯҳи мусофирон, зарурати таъминкунии нуқтаҳои алоҳидаи аҳолинишини деҳ бо алоқаи нақлиётӣ, ҳамчунин бо пешниҳоди шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба роҳ монда мешавад (*Фармоиш аз 04.03.2010 № 7*).

130) Шабакаи хатсайри мунтазами байнишаҳрӣ (дохиливилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ мутобиқи қоидаҳои зерин ташкил карда мешавад:

- таъмин намудани талаботи аҳолӣ бо ҳамлу нақл;

- имконияти васеъи таъмин кардани ҳамаи нуқтаҳои аҳолинишини дар хатсайр вокеъбуда;

- бо мақсади баланд бардоштани сифати бехатарии ҳамлу нақл ва бехатарии он ҳамчунин кам кардани микдори партовҳои зараровари экологӣ истифода бурдани теъдод ва намудҳои бехатарии автобусҳо ва таксиҳои хатсайргард.

131) Хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (дохиливилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирон дар роҳҳои автомобилгарди моҳияти ҷумҳурявӣ ва маҳаллӣ дошта, ки дараҷаи на камтар аз V - ро доранд, ташкил карда мешаванд.

132) Дар сурати аз 100 км зиёд будани тӯли хатсайр бояд алоқаи телефонӣ ба инобат гирифта шавад. Ҳангоми ба ин талабот қонеъ набудан интиқолдиҳандагони дар хатсайрҳои мазкур хизматкунанда ба тариқи иловагӣ автобусҳо, таксиҳои хатсайргард алоқаи боэътимоди мобилӣ доштаро таъмин мекунад.

133) Нуқтаҳои исти васатии хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (дохиливилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирони шаҳрҳои сераҳолӣ бояд мувофиқи имконият дар терминалҳо воқеъ бошанд.

Нуқтаҳои исти аввалии хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (дохиливилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирони дар терминалҳо воқеъбуда мутобиқи талаботи Қоидаҳои мазкур таҷҳизонида шаванд.

134) Ҳангоми саворшавӣ ба автобус, таксии хатсайргард ҳуҷҷати саворагардии мусофир санҷида мешавад. Дар терминалҳо санҷишро навбатдор оид ба саворшавии мусофирон ва дар нуқтаҳои ист, ки дар он ҷо чунин навбатдорон нестанд, ронанда ё кондуктор ба роҳ мемонад.

135) Чиптаҳои сафар барои хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (дохиливилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирон танҳо бо рақам ва таърихи дар он нишондодашуда дуруст эътибор дорад.

136) Мусофирон ҳуҷҷатҳои саворагардиро дар муддати сафар бо худ нигоҳ дошта, мутобиқи қонунгузорӣ бо талаботи аввали тафтишкунанда ва шахси ваколатдори ин вазифа пешниҳод мекунанд.

137) Мусофир дар автобус, таксии хатсайргард ҷойро мувофиқи ҷои дар чипта нишондодашуда ишғол менамояд. Ҳангоми ҳамлу нақл интиқоли мусофирони аз шумораи ҷойҳои нишаст зиёдбуда иҷозат дода намешавад.

Дар ҳолати бо мусофир ҳамроҳ будани кӯдакони синни то 5 - сола интиколи кӯдакон бепул ва бе пешниҳоди ҷои нишасти алоҳида, ба кӯдакони аз синни 5 то 12 сола бо пардохти 50%-и нархи чипта барои ҳар кадоми онҳо ҷойи алоҳида пешниҳод карда мешавад.

138) Дар мавриди ба роҳ мондани ҳаракат дар хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (дохиливилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирон амалиётҳои зерин манъ карда мешаванд:

- даровардани ислоҳот ба ҳуҷҷатҳои саворагардӣ;

- сигоркашӣ, ифлоскунии солун, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ;

- ронандаро ба гап гирифтан, ҳамчунин рафтуо дар солун ҳангоми ҳаракати автобус, таксии хатсайргард;

- интиқоли моддаҳои оташангез, тарканда, заҳролудкунанда, зуддаргиранда, заҳрдор, бадбуй ва сӯзанда, силоҳи оташфишони беғилоф ва ҳуҷҷатҳои даркорӣ надошта, ҳамчунин ашёе, ки метавонанд ба мусофирон, солун ё таҷҳизоти автобус, таксии хатсайргард зарар расонанд (ифлос ё вайрон мекунанд).

139) Дар хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (дохиливилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирон дар солуни автобус барои мусофирон бепул бурдани бори дастии ҳаҷмаш на зиёда аз 60 x 40 x 20 см ва вазнаш на зиёда аз 35 кг, ҳамчунин ҳайвоноти майда ва паррандаҳои дар қафас буда иҷозат дода мешавад.

140) Баста ва интиқоли бори дастӣ бояд ба дигар мусофирон, ба солун ва таҷҳизоти автобус, таксии хатсайргард зарар нарасонад.

141) Ба мусофирон ҳамчунин иҷозат дода мешавад, ки бо пардохти иловагӣ мутобиқи тариф барои ҳар ҷои муқарраршуда, ки онро мақомоти марбута тасдиқ карда ва иҷозатнома додаст, бо худ бағоҷи иловагӣ дошта бошанд.

142) Бағоҷи ба интиқол супурдашуда бояд дар бастаи мувофиқ бошад. Барои қабули бағоҷи интиқолшаванда ба мусофир хатти расиди бағоҷ дода мешавад.

Ҳангоми супурдани бор барои ҳамлу нақл, мусофир метавонад қурби онро мувофиқи пардохти боҷи муқарраршуда эълон дорад.

143) Дар сурати гумшавӣ, норасоӣ ё зарар дидани бағоҷ, бо иштироки соҳиби бағоҷ ва намоянда аз тарафи интиқолдиҳанда ё ронанда ва корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дар ду нусха санад тартиб дода мешаванд.

Дар санад ному насаб ва суроғаи соҳиби бағоҷ, миқдори ҷойҳои қабулшуда ва супурдашуда, номгӯи ашёи гумшуда ва супоридашуда ё хусусияти зарар дидани онҳо, маблағи қурби эълоншуда, агар расман ба қайд гирифта шуда бошанд, дарҷ мегардад. Нусхаи санад ба соҳиби бор дода мешавад.

144) Бағоҷи барои интиқол супурдашуда он вақт гумшуда ҳисоб меёбад, ки агар интиқолдиҳанда гумшавиашро тасдиқ кунад ё агар бағоҷ ба нуқтаи таъинкардашудаи ҳамлу нақл дар муддати 7 рӯз баъд аз ба охир расидани мӯҳлати дастраскунии он дастрас нагардад.

145) Интиқолдиҳанда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гумшавӣ, норасоӣ ва вайроншавии бағоҷ ҷавобгар аст.

146) Дар хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (дохиливилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирон, ки интиқолдиҳандагон ҳаракати автомобилҳои бағоҷкашонро ба роҳ мондаанд, мусофирон метавонанд бағоҷро барои ҳамлу нақл ба автомобилҳо супоранд. Қабули бағоҷ барои ҳамлу нақл ба автомобилҳои бағоҷкашонӣ дар нуқтаҳои исти аввалӣ бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо) барои ҳамлу нақл дар хатсайри мувофиқ аз тарафи мусофирон ташкил карда мешавад.

147) Бағоҷи барои интиқол супурдашуда бо таркиб ва бастаи худ на бояд ба бор кардан ва ҷобаҷогузории бағоҷ дар автомобилҳои бағоҷкашонӣ халал расонад ва ба бори дигар мусофирон зарар расонад. Бастаҳо бояд комил бошанд ва нигоҳдории бағоҷро дар муддати ҳамлу нақли он таъмин намоянд.

149) Мусофире, ки бағоҷашро ба воситаи автомобили бағоҷкашон мефиристонад, бояд онро 10 дақиқа пеш аз равон шудани автомобил бисупорад.

150) Бағоҷи нодуруст борпечшуда барои интиқол дар автомобилҳои боркашонӣ роҳ дода намешавад. Бағоҷе, ки дуруст борпеч карда нашудааст ва боиси гумшавию вайроншавии бор мегардад, барои ҳамлу нақл бо бақайдгирии ин норасогиҳо қабул карда мешавад.

151) Барои қабул кардани бағоҷ ба ҳамлу нақл дар автомобилҳои бағоҷкашонӣ ба мусофирон хатти расиди бағоҷ дода мешавад.

Бағоҷе, ки бо автомобили боркашонӣ интиқол дода мешавад, ба нуқтаи таъинотӣ бо пешниҳоди хатти расид қабул карда мешавад.

Бағоҷи дар автомобили бағоҷкашонӣ барои интиқол қабулшуда бояд ба нуқтаи таъинотӣ на дертар аз як рӯзи омадани мусофир мувофиқи ҷадвали муайяншуда, ба ин нуқта дастрас гардад.

151) Бағоҷи ногирифтаи мусофир дар нуқтаи таъинотӣ, аз тарафи интиқолдиҳанда барои нигаҳдорӣ супурда мешавад, ки ба соҳиби он пардохти мувофиқ пешниҳод карда мешавад. Ҷои нигоҳдории бағоҷ бо салоҳдиди интиқолдиҳанда интиқол карда мешавад.

152) Интиқолдиҳандае, ки бағоҷро барои ҳамлу нақл қабул кардааст, нигаҳдории онро аз мӯҳлати қабул то супурдани он ба мусофир (шахси барои қабули бағоҷ ваколатдор) ё то ба бағоҷхона супурдан таъмин менамояд.

153) Муайянкунӣ, гумшавӣ, норасоӣ ва зарар дидани бағоҷи барои интиқол қабулшуда, тартиб ва ҳаҷми зарарҳои расондашуда тибқи бандҳои 145-146 -и Қоидаҳои мазкур муайян карда мешавад.

154) Пардохти роҳкиро ва ҳаққи интиқоли бағоҷ дар хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (дохиливилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирон бо автомобилҳо дар хазинаҳои терминал ва дар нуқтаҳои исти авалаи хатсайрҳо бошад, ба кондуктор (ронанда), дар мавриди савор шудан ба автобус, таксии хатсайргард то расидани он ба нуқтаи ист, амалӣ мешавад.

155) Пардохти роҳкирои додаи мусофир бо ҳуҷҷати саворагардӣ, ки аз чунин маълумот иборат аст, исбот мешавад:

- силсила ва рақами чипта;

- нуқтаҳои равонкунӣ ва таъинот;

- маблағи роҳкирои пардохташуда бо нишондоди пардохти комиссионӣ ва суғуртавӣ;

- таърихи додани чипта;

- вақт ва мӯҳлати равоншавии автобус, таксии хатсайргард аз нуқтаи ибтидоӣ (саворшавӣ);

- рақами хатти сафар;

- рақами санади 28-и пардохти интиқол бо додани хатти расид ба мусофир тасдиқ мешавад.

156) Агар мусофир чиптаро дар нуқтаи исти фосилавии берун аз вокзалҳо ва истгоҳҳо воқеъбуда бигирад, он гоҳ кондуктор дар он рақами хатсайр, нуқтаҳои аввал ва охири тайкардаи мусофир, нархи роҳкирои пардохташуда, рақами ҷои фуромад, мӯҳлат ва вақти равоншавиро ишора намуда, ҳамчунин дар роҳварақ ва руйхати фӯруши чиптаҳо қайдҳо мегузорад.

## Боби XII ҲАМЛУ НАҚЛИ МУНТАЗАМИ БАЙНИШАҲРИИ (БАЙНИВИЛОЯТӢ) МУСОФИРОН БО АВТОБУСҲО

157) Ҳамлу нақли мунтазами байнишаҳрии (байнивилоятӣ) мусофирон дар асоси баробарҳуқукӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси интиқолдиҳандагон, ҳамчунин муроҷиати шаҳрвандон ва ташкилотҳо ташкил карда мешавад (*Фармоиш аз 04.03.2010* № 7).

158) Ҳамлу нақли мазкур аз тарафи интиқолдиҳандагоне, ки тибқи тартиби қонунгузорӣ ба фаъолияти мазкур иҷозат доранд, бо истифода аз автобусҳо, таксиҳои хатсайргарди ба талаботи Қоидаи мазкур мувофиқ ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини бехатарии ҳамлу нақл ба роҳ монда мешавад.

159) Ҷадвали ҳаракат дар хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (байнивилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирон аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, минтақа, ки хатсайр аз ҳудуди он мегузарад, мувофиқа карда мешавад.

160) Барои таъмини хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (байнивилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирон талаботҳои дар боби XI -и Қоидаҳои мазкур дида баромада шуда, пешниҳод карда мешаванд.

161) Саворагардӣ, кашонидани бори дастӣ ва бағоҷ, ҳамчунин пардохти ҳаққи онҳо дар хатсайрҳои мунтазами байнишаҳрии (байнивилоятӣ) ҳамлу нақли мусофирон аз рӯи тартиби боби XI -и Қоидаҳои мазкур сурат мегирад.

162) Тартиби санҷиши хатсайрҳои байнишаҳрӣ (байнивилоятӣ) ва мувофиқакунии ҷадвали ҳаракати нақлиёт бо мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҳар як вилоят, ки хатсайр аз ҳудуди он мегузарад, мутобиқи банди 17-и Қоидаи мазкур анҷом дода мешавад.

163) Дар мувофиқа бо эродҳои мақомотҳои иҷроияи ҳукуматҳои маҳаллӣ Комиссия ҷадвали ҳаракатро таҳия карда, барои дубора мувофиқа кардан равон мекунад.

## Боби XIII ҲАМЛУ НАҚЛИ МУНТАЗАМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МУСОФИРОН БО НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

164) Тартиби сафар аз рӯи хатсайрҳои мунтазами байналхалқии ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ, ки дар банди шартномаҳои байналхалқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсибшуда танзим нашудааст, аз рӯи Қоидаҳои мазкур ба тартиб даровarда шуда, ба тартиби сафар дар хатсайрҳои мунтазами байналхалқии байнишаҳрии мусофирон ва бағоҷ бояд мувофиқ бошад.

165) Ҳангоми ба амал баровардани ҳамлу нақли мунтазами байналхалқии мусофирон, ҳамлу нақли мусофирон дар байни нуқтаҳои исти дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда иҷозат дода намешавад.

166) Барои ташкил намудани ҳамлу нақли мунтазами байналхалқии мусофирон бо автобусҳо, таксиҳои хатсайргард интиқолдиҳанда қарори баровардаи худ дар бораи ҳамлу нақли байналхалқии мусофирон ва бағоҷро бо шарики (интиқолдиҳанда) аз дигар давлат, ки он ҳамлу нақлро ташкил мекунад, мувофиқа намуда бо вай шартномаи мувофиқ мебандад.

167) Барои гирифтани нақшаи хатсайр ва ҷадвали ҳаракати хатсайр, тарифҳои ҳамлу нақли мусофирону бағоҷ ва иҷозатнома барои ташкил кардани ҳамлу нақли мунтазами байналхалқии мусофирону бағоҷ, Шаҳодатнома, ҳамчунин барои тамдиди мӯҳлати ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ барои ҳамлу нақли байналхалқӣ, ки аз ҷониби Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд, интиқолдиҳанда ба Вазорат бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин дархост медиҳад:

- шартнома оид ба фаъолияти якҷоя бо интиқолдиҳандаи хориҷӣ;

- шаҳодатномаи дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкор, ки фаъолияти худро бе ташкилкунии шахси ҳуқуқӣ ба амал баровардааст;

- нусхаи иҷозатнома барои гирифтани ҳуқуқи ташкилкунии ҳамлу нақл;

- нусхаи шартномҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии шаҳрвандӣҳуқуқии соҳиби воситаи нақлиёт ва шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии шаҳрвандӣ - ҳуқуқии интиқолдиҳандагон дар назди мусофирон;

- маълумот дар бораи воситаи нақлиёт (адад ва навъи (клоси)) автобус, таксии хатсайргард, дар хатсайр истифодашавандаю замимаи нусхаи шиносномаи техникӣ ва шаҳодатнома дар бораи аз муоинаи техникӣ дар семоҳаи охир гузашта барои ҳар як фард (аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии тасдиқшуда, ки ҳамкорӣ накардани воситаҳои механикии мазкур дар дигар хатсайрҳои мунтазами ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷро бо автомобил нишон медиҳанд);

- маълумот дар бораи мавҷудияти мушоҳидати танзимгар ва алоқаи телефонӣ дар давоми сафар, ҳамчунин маълумот дар бораи мавҷудияти имконоти ивазкунии автобусҳо, таксиҳои хатсайргард дар мавриди бо сабаби техникӣ қать кардани ҳаракати онҳо;

- нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки имконияти гузаронидани маҷмӯъи фаъолиятро оид ба дар ҳолати дурусти техникӣ нигоҳ доштани воситаи нақлиётро мутобиқи талаботи қонуни истифодабарии техникии воситаҳои нақлиёт ва гузаронидани муоинаи техникии пеш аз сафар (пеш аз баст)-и автобусҳо, таксиҳои хатсайргард ҳамчунин муоинаи марҳилавии (пеш аз басти) тиббии ронандаро тасдиқ мекунанд;

- ҷадвали ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард аз рӯи хатсайр, ки вақти ба сафар баромадану расидан, истгоҳҳои автобусҳо, таксиҳои хатсайргард, ҳамчунин масофаи байни нуқтаҳои ист ва нуктаҳои гузаштан аз сарҳади давлатӣ дар он нишон дода шудааст;

- ҷадвали хатсайр, ки терминалҳо, истгоҳҳои автомобилӣ дар сарҳади давлатӣ, минтақахои хатарнок ва реҷаи босуръати ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргардро нишон медиҳад;

- тарифҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷи ба нуқтаҳои исти хатсайрҳои мунтазами байналхалқӣ пешниҳодшуда, бо пули миллии давлатҳое, ки интиқолдиҳандаро ба қайд гирифтаанд;

- ҷадвали реҷаи меҳнат ва истироҳати ронанда дар давоми сафари мунтазам бо нишондоди вақт ва ҷои ивазкунии автобусҳо, таксиҳои хатсайргард.

Ҳуҷҷатҳои дар зербанди 7-10 нишондодашудаи банди мазкур, ки аз тарафи интиқолдиҳандаи ҷониби тоҷикӣ ва хориҷӣ, ки шартномаро мӯҳр гузоштаанд имзо шуда, бояд дар 4 нусха пешниҳод карда шаванд.

168) Дархост барои тамдиди мӯҳлати эътиборнокии ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ барои ҳамлу нақли байналхалқӣ якҷоя бо ҳуҷҷатҳои дигар на дертар аз се моҳи ба охиррасии мӯҳлати муқарраршудаи эътибори ин ҳуҷҷатҳо ба Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

169) Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати 15 рӯзӣ корӣ, аз вақти ба қайд гирифтани пешниҳодот, онҳоро санҷида, агар ҳуҷҷатҳои нишондодашуда пурра бошанд, ба мақомоти босалоҳияти давлатӣ, ки хатсайр аз ҳудуди онҳо мегузарад дар бораи гирифтани иҷозат ба кушодани хатсайр гувоҳнома равон мекунад, ки дар он ҳуҷҷатҳои дар зербанди 1-3, 7-10 и банди 167-и Қоидаҳои мазкур нишондодашуда, агар баъзеашон тибқи шартномаи байналхалқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда дида нашуда бошанд, замима мегарданд.

170) Пас аз гирифтани Қарори мутобиқи мақомоти босалоҳияти давлатҳои хориҷӣ, ки хатсайр аз ҳудуди онҳо мегузарад, ба интиқолдиҳанда барои ҳамлу нақли байналхалқӣ ҳуҷҷат дода мешавад.

171) Нусхаҳои ҳуҷҷатҳои ба дархост иловашаванда дар Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳисобу китоб боқӣ мемонад.

172) Дар мӯҳлати 30 рӯзи баъди гирифтани иҷозатнома интиқолдиҳанда нусхаҳои шартномаҳоро, ки байни интиқолдиҳанда ва маъмурияти терминалҳо мутобиқи талаботи Қоидаҳои мазкур ва меъёрҳои ҳуқуқии дигар ба имзо расидаанд, ба Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад.

175) Интиқолдиҳанда ҳар як автобус, таксии хатсайргардро дар хатсайр бо ҳуҷҷатҳои аслии иҷозатдиҳанда барои ҳамлу нақли байналхалқӣ таъмин мекунад.

174) Тағйир додани хатсайр, нуқтаҳои ист, ҷадвали ҳаракат, ҳамчунин бастани хатсайр аз ҷониби Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси аризаи интиқолдиҳанда ё мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии бо розигии мақомоти босалоҳияти давлатие, ки хатсайр ба вай дахл дорад, сурат мегирад.

175) Барои дида баромадани рӯйхат ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ба амал баровардани ҳамлу нақли мусофирон дар хатсайрҳои мунтазам, ташкил кардани сафарҳои иловагӣ, даровардани тағйирот ба ҷадвали ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард ва тарифҳои интиқоли мусофирон, шабакаҳои хатсайрҳои байналхалқие, ки бо автобус, таксии хатсайргард ташкил карда мешаванд, барои ба иҷро расондани ҳамлу нақл, миқдори лозимии автобусҳо, таксиҳои хатсайргардро доштан ба инобат гирифта мешавад. Барои давом додани мӯҳлати фаъолият бошад, роҳ надодан (додан) ба вайронкунии қоидаи ҳаракат дар роҳ аз ҷониби интиқолдиҳанда ё шарики хориҷии ӯ, шикояти мусофирон аз сифати хизматрасонӣ ва риояи вақт ба вақти ба иҷро расондани сафар ҳам дар назар дошта мешавад.

176) Дар мавридҳои зерин ба интиқолдиҳандагон ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда барои ҳамлу нақли байналхалқии мусофирон дода намешаванд:

- ҳуҷҷатҳои ба дархост иловашаванда мувофиқи банди 167-и Қоидаҳои мазкур, нопурра пешниҳод шудаанд ё маълумоти нодуруст дошта бошанд;

- аз рӯи ҷадвали ҳаракати пешниҳодшуда, ҳамлу нақли мунтазами байналхалқии мусофирон ва бағоҷ мувофиқи тартиби муайян ташкил шуда бошад;

- фарқият дар ҷадвали ҳаракати саршавӣ ва фосилавии хатсайри кушодашаванда ё амалкунандаи байналхалқӣ камтар аз 3 соатро ташкил диҳад (дар мавриди алоҳида аз рӯи мулоҳизаномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии, фосилаи ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард мусовӣ ҳаракаткунанда метавонад дароз ё кӯтоҳ шаванд.

- воситаи нақлиёти барои ҳамлу нақл пешниҳодшуда агар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талабот ҷавобгӯ набошанд, ҳамчунин автобусҳо, таксиҳои хатсайргард агар аз муоинаи техникии пеш аз сафар (пеш аз баст) ва ронандагон аз муоинаи тиббии пеш аз сафар (пеш аз баст) нагузашта бошанд;

- далелҳои чандинкаратаи қоидавайронкунӣ аз ҷониби интиқолдиҳанда (интиқолдиҳандагон);

- иҷозат нагирифтан аз мақомоти босалоҳияти давлатӣ, ки хатсайри пешниҳодшуда аз ҳудуди он мегузарад;

177) Раднома бо далел дар шакли мактуб ба арзкунанда ва дар мавридҳои зарурӣ ба мақомотҳои босалоҳияти давлатии ба рӯихатгирии ҳамлу нақли хориҷии мусофирон фиристода мешавад.

178) Эътибори ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда барои ҳамлу нақли байналхалқӣ, ки ба интиқолдиҳанда дода шудаанд, метавонад то шаш моҳ дар мавридҳои зерин қатъ карда шавад:

- муроҷиати хаттии интиқолдиҳанда ба Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 3 моҳ то мӯҳлати қатъ кардани ҳамлу нақли пешниҳодшуда;

- муроҷиати хаттии асоснокшудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии;

- пайдо шудани санадҳо дар бораи вайронкунӣ ё риоя накардани талаботи Қоидаҳои мазкур;

- агар интиқолдиҳанда шароитҳои истифодабарии хатсайрҳои мунтазами аз ҷониби мақомоти босалоҳияти давлатӣ ташкилшударо, ки хатсайр аз ҳудудаш мегузарад, таъмин карда натавонад;

- мувофиқи муроҷиати хаттии мақомоти босалоҳияти давлатҳои хориҷӣ, ки хатсайри мунтазам аз ҳудуди онҳо мегузарад.

179) Эътибори ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда, ки ба интиқолдиҳанда дода шудаанд, дар чунин мавридҳо қатъ мегардад:

- муроҷиати хаттии интиқолдиҳанда, ки на дертар аз 3 моҳ то мӯҳлати пешниҳодшудаи қатъ кардани ҳамлу нақл;

- агар аз тарафи интиқолдиҳанда бе иҷозати Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвал ва нақшаи ҳаракати автобусҳо, таксиҳои хатсайргард аз рӯи хатсайрҳо тағйирот дохил карда бошад;

- бо муроҷиати хаттии мақомоти босалоҳияти давлатҳои хориҷӣ, ки хатсайри мунтазам аз ҳудуди онҳо мегузарад;

- дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани нусхаҳои шартномаҳои байни интиқолдиҳанда ва маъмурияти терминалҳо мутобиқи Қоидаҳои мазкур ба имзорасида ё санадҳои меъёрию ҳуқуқии дигар;

- агар интиқоли мусофирон аз рӯи хатсайрҳо аз тарафи интиқолдиҳанда дар муддати як моҳ аз мӯҳлати гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ ташкил карда нашавад;

- агар ҳамлу нақли мусофирон дар хатсайр дар тӯли 15-рӯзи эътибор доштани ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ аз ҷониби интиқолдиҳанда сурат гирад;

- ошкоршавии далелҳои тез-тез вайрон кардани Қоидаҳои мазкур.

180) Тартиби гирифтани ҳуҷҷатҳои саворагардӣ (чиптаҳо) барои сафари байналхалқӣ ба тартиби гирифтани чиптаҳо дар сафари байналхалқӣ, тибқи Қоидаҳои мазкур ба роҳ монда мешавад.

181) Пардохти роҳкиро ва ҳаққи бағоҷкашонӣ дар сафарҳои байналхалқӣ бо пули миллии давлате, ки аз он ҳуҷҷатҳои саворагардӣ мегиранд, сурат мегирад;

182) Тартиби нигоҳдорӣ ва супурдани бағоҷ мувофиқи қонунгузории давлате, ки дар ҳудуди он бағоҷро нигоҳ медоранд ё месупоранд, ба роҳ монда мешавад.

## Боби XIV ҲАМЛУ НАҚЛИ НОМУНТАЗАМИ МУСОФИРОН

183) Ҳамлу нақли номунтазами мусофирон дар шабака ва иншооти роҳ, ки ба воситаи он ҳаракати васоити мутобиқи нақлиёт иҷозат аст, ташкил карда мешавад.

Пеш аз оғози ҳамлу нақл интиқолдиҳанда тафтиши пешакӣ мегузаронад, аз ҷумла, бо тариқи дархост аз мақомоти роҳдорӣ ва милисаи нақлиёт ҳолати роҳ, иншооти роҳро дар тӯли хатсайр муайян мекунад.

184) Дар вақти ташкил кардани ҳамлу нақли номунтазам интиқолдиҳанда бояд дафтари бақайдгирии воситаи нақлиётро бо қайдҳои муоинаи тиббии ронанда ва муоинаи техникии пеш аз сафари воситаи нақлиётро дошта бошад.

185) Ҳамлу нақли номунтазам бо воситаи нақлиёте, ки аз рӯи тартиби муайян ба фаъолияти мазкур иҷозат доранд ва ба талаботи Қоидаҳои мазкур мувофиқанд, ба амал бароварда мешавад.

186) Дар нуқтаҳои ист, ҳангоми иҷрои ҳамлу нақли номунтазами мусофирон бояд бехатарии саворшавӣ ва фурудоии мусофирон таъмин карда шавад ва ба нуқтаҳои исти хатсайрҳои мунтазами ҳамлу нақли мусофирон монанд набошад.

Исти воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ки дар ҳамлу нақли номунтазами мусофирон истифода мешаванд, дар нуқтаҳои исти хатсайрхои ҳамлу нақли мунтазами мусофирон мумкин нест, ҳамчунин ба саворшавӣ ва фурудоии мусофирон ҳам дар ин нуқтаҳо иҷозат дода намешавад.

187) Ҳамлу нақли номунтазами мусофирон дар сафарҳои байналхалқӣ аз тарафи интиқолдиҳандагоне ташкил карда мешавад, ки ба онҳо мувофиқи тартиби муайян ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи байналхалқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвибшуда барои фаъолияти мазкур иҷозат дода шудааст.

188) Ҳангоми ҳамлу нақли номунтазами мусофирон шумораи мусофирон бояд аз ҷойҳои нишасти автобус, таксии хатсайргард зиёд набошад ва барои бо худ бурдани бори дастии ҳаҷмаш аз 60 х 40 х 20 см зиёд ва вазнаш зиёда аз 35 кг иҷозат дода намешавад.

Амволе, ки ҳаҷмаш аз хаҷми дар банди мазкур нишондодашуда зиёд бошад, дар бағоҷмонаки воситаи нақлиёти автомобилҳои бағоҷкашонӣ, ки онҳоро автобусҳо ва таксиҳои хатсайргардҳои мусофирбар ҳамсафарӣ мекунанд, кашонда мешавад.

189) Мусофирон роҳкиро ва ҳақи ҳамлу нақли бағоҷро дар ҳамлу нақли номунтазам мувофиқи шартҳои шартнома ба интиқолдиҳанда (ронанда) мепардозанд.

190) Ҳамлу нақли мусофирони як бор сафаркунанда ба мақсади кашондани ҳамон як гурӯҳи мусофирон аз нуқтаи аввал то нуқтаи охири хатсайр ва баръакс, бе саворкунӣ ва фуровардани мусофирон дар фосилаи ин нуқтаҳо ё дар як самти нишондодашуда амалӣ мегардад.

191) Мавриди ҳамлу нақли мусофирони як бор сафаркунанда интиқолдиҳанда роҳхатро пур мекунад. (Замимаи 2).

192) Ҳамлу нақли мусофирон бо автобусҳо, таксиҳои хатсайргардҳои фармуда хусусияти муттасил дорад ва бо мақсади бурдани шаҳрвандон ба ҷои кор, таҳсил, ҳамчунин барои ба роҳ мондани сайрҳои сайёҳӣ амалӣ карда мешавад.

193) Ҳамлу нақли мусофирон бо автобусҳо, таксиҳои хатсайргардҳои фармуда мутобиқи шартномаи хаттии байни фармоишгар ва интиқолдиҳанда ба роҳ монда шуда, нусхаи шартнома бояд дар дасти ронандаи воситаи нақлиёт нигоҳ дошта шавад.

## Боби XV ҲАМЛУ НАҚЛИ МУСОФИРОН БО АВТОМОБИЛҲОИ САБУКРАВИ ТАКСӢ

194) Ҳамлу нақли мусофирон бо автомобилҳои сабукрави таксӣ (минбаъд таксӣ) тавассути автомобилҳои сабукрави мутобиқи талаботи банди 24-26 ,и Қоидаҳои мазкур таҷҳизонидашуда ва дар асоси шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақли мусофирону бағоҷ бо таксӣ байни интиқолдиҳанда ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии нуқтахои аҳолинишин сурат мегирад.

195) Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мақомоти ваколатдори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии фаъолияти таксиҳои ба ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷи онҳо сарукордоштаро ба роҳ монда, дар ин сурат (меъёри теъдоди) воситаи ин нақлиётро бо дарназардошти шумораи сокинон ва масоҳати маҳалҳои аҳолинишин, ташкилу таҷҳизонидани истгоҳҳои таксӣ ба роҳбарӣ мегирад (*Фармоиш аз 04.03.2010* *№ 7*).

196) Тартиби ба таксӣ савор кардан ва фуровардани мусофирон дар истгоҳҳои махсуси дар қитъаҳои тӯли роҳ таҷҳизонидашудаи таксӣ, он ҷое ки, мутобиқи Қоидаҳои ҳаракати нақлиёт ба исти автомобилҳо иҷозат дода шудааст, ба роҳ монда мешавад.

197) Мусофирон дар истгоҳҳои таҷҳизонидашудаи таксӣ мувофиқи навбат ба таксӣ савор мешаванд. Маҷрӯҳон, нафақахӯрон, занҳои ҳомила, мусофирони кӯдакони синнусоли томактабӣ дошта ҳуқуқи бенавбат савор шуданро доранд.

198) Дар роҳи сафар таксиро бо ишораи даст манъ кардан мумкин аст, агар:

- дар он ҷои холӣ кофӣ бошад;

- мусофири дар таксӣ нишаста ба ин ист ризоят диҳад.

199) Мусофир ҳангоми ба таксии холӣ нишастан, ба ронанда роҳи сафарашро мефаҳмонад. Агар мусофир роҳи сафарашро ба таври мувофиқ худаш муайян карда натавонаду танҳо нуқтаи охири сафарро номбар бикунад, он гоҳ ронанда мусофирро бо роҳи кӯтоҳтарин ба ҷои таъиншуда мерасонад.

200) Саворшавӣ ба таксӣ ва фуромадан аз он танҳо баъди исти пурра аз тарафи рости автомобил сурат мегирад.

201) Мусофир метавонад шартномаи сафарро қатъ накарда, аз он фурояд. Дар ин сурат ронанда метавонад барои тамоми вақти дар интизории мусофир гузарондааш аз ӯ гаравпулӣ талаб бикунад.

Шартномаи ҳамлу нақл дар он вақт қатъшуда ҳисоб меёбад, ки агар мусофир дар мӯҳлати пешакӣ гуфтугӯшуда ба назди автомобили ӯро мунтазирбуда барнагардад.

202) Қабули фармоиш барои пешниҳоди таксиро интиқолдиҳанда тавассути хадамоти танзим ба воситаи алоқаи дастрас ба роҳ мемонад. Арзиши фармоишро мутобиқи шартномаи ҳамлу нақли мусофир ва бағоҷи ӯ ва тарифҳои таксӣ мусофир дар охири сафар мепардозад.

203) Ба мусофири таксӣфармуда рақами автомобил, арзиши тахминии фармоиш ва вақти омадани таксӣ хабар дода мешавад.

204) Фармоиши фаврӣ бояд дар мӯҳлати муқарраршудаи байни фармоишҳо иҷро гардад.

205) Ҳангоми фармоиши пешакӣ ронанда таксиро дар ҳамон вақти муқарраршуда ҳозир мекунад.

206) Мусофир мувофиқи нишондоди ҳисобкунак ва мутобиқи тарифи ҷорӣ ҳақи роҳкироро баъди анҷоми сафар ва фуровардани бағоҷ мепардозад. Ҳисобу китоб бо пули нақд анҷом мегирад. Мувофиқи талаби мусофир оид ба пардохти роҳкиро ба ӯ хатти расид дода мешавад.

207) Агар дар ҷараёни ҳамлу нақл бо сабабҳои ба ронанда новобаста сафар қатъ гардад, он гоҳ шартномаи ҳамлу нақл пеш аз мӯҳлат қатъшуда маҳсуб меёбад ва мусофир танҳо барои масофаи тайшуда роҳкиро медиҳад.

208) Ба бағоҷмонаки таксӣ ҳамон миқдор бағоҷ бор карда мешавад, ки вазни умумиаш аз нишондоди техникии автомобил зиёд нест ва танҳо дар ҳолати пӯшида будани болопӯши бағоҷмонак ба чунин интиқол иҷозат дода мешавад.

209) Боркунӣ ва фуровардани бағоҷ аз ҷониби ронандаи таксӣ сурат мегирад.

210) Дар солуни таксӣ ба интиқоли ашёи гуногун, ки озодона аз дарҳои он дароварда мешавад, таксӣ ва таҷҳизоти онро вайрону ифлос намекунад, ба таксиронии ронанда халал намерасонад ва пеши оинаи қафоро намегирад, иҷозат дода мешавад.

211) Интиқоли ҳайвонҳои хурд, паррандаҳо, ки дар сабаду қафас ё халтаҳои тагашон ҳамвор ҷойгир карда шудаанд, бо таксӣ иҷозат дода мешавад.

Интиқоли саг бо таксӣ танҳо бо ризояти ронанда ва мусофирони дигар сурат мегирад.

212) Истгоҳҳои таксӣ дар ҳама нуқтаҳои азими сермусофир (фурудгоҳ, терминалҳо, марказҳои бузурги тиҷоратию фарҳангӣ) ташкил карда мешавад.

Истгоҳҳои таксӣ аз истгоҳҳои автомобилҳои дигар бо хатҳои махсуси маҳдудкунанда ё таворачаҳо, бо аломати ранги кабуд ва ҳарфи фарққунандаи "Т" (Таксӣ) ва хатҳои чоркунҷа, ки онҳоро мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии бо ризоияти хадамоти милисаи роҳ ба роҳ мондаанд, ҷудо карда мешаванд.

Истгоҳҳои таксӣ вақтҳои торикӣ бояд мунаввар бошанд.

Бозистодани автомобилҳои ғайр дар истгоҳҳои таксӣ манъ аст.

## Боби XVI ҲАМЛУ НАҚЛИ ГУРӮҲИ ТАШКИЛДОДАИ КӮДАКОН

213) Ҳамлу нақли гурӯҳи ташкилдодаи кӯдакон бо автобус, мутобиқи талаботи Қоидаҳои мазкур ва дар мавриди ҳар кӯдакро ба ҷои алоҳида шинонидан сурат мегирад.

214) Мавриди ташкили ҳамлу нақли гурӯҳи ташкилдодаи кӯдакон ба муассисаҳои таълимӣ, интиқолдиҳанда якҷоя бо кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маъмурияти муассисаи таълимии хатсайр ва ҷои мувофиқи саворшавию фуромадани кӯдаконро муайян мекунад.

215) Майдончаҳои интизории кӯдакон бояд ба ҳадде васеъ бошанд, ки онҳо ба роҳи автомобилгард набароянд.

Майдончаҳо бояд воридгоҳи обод дошта, аз нуқтаҳои исти автомобилҳои ба ҳамлу нақли мусофиру бағоҷ машғулбуда алоҳида ҷойгир бошанд.

Агар ҳамлу нақли кӯдакон ҳангоми торикӣ сурат гирад, дар ин маврид майдончаҳо бояд дорои таҷҳизоти сунъии чароғонкунӣ бошанд.

Дар давраи тирамоҳу зимистон майдончаҳо бояд аз барфу ях ва ифлосиҳо тоза карда шаванд.

Ташкилкунандаи ҳамлу нақли кӯдакон ба муассисаи таълимӣ вазъи майдончаҳои саворшавӣ ва фуровардани кӯдаконро (ҳар моҳ як бор) мунтазам тафтиш мекунад.

216) Ҷадвали ҳаракати автобусҳо барои кӯдакон бо ташкилкунандаи ҳамлу нақл мувофиқа карда мешавад.

217) Ҳамлу нақли умумии гурӯҳи ташкилдодаи кӯдакон ва ҳамлу нақли онҳо ба масофаи дур аз ҷониби интиқолдиҳанда танҳо дар мавриди мушоҳидаи омӯзгорон ё калонсолони махсус интихобшуда (як калонсол барои 15 кӯдак) сурат мегирад.

218) Ҳангоми ҳамлу нақли умумии кӯдакон интиқолдиханда хадамоти милисаи роҳро хабар медиҳад, ки барои пурзӯр намудани назорати ҳаракат дар хатсайр ва ҳалли мушкилоти мушоҳидати корвонӣ аз ду ё зиёда автомобилҳои махсус тадбирҳо биандешад.

219) Ҳамлу нақли байнишаҳрии гурӯҳи ташкилкардаи кӯдакон дар шабҳангом (аз соати 22-и бегоҳ то соати 6-и субҳ), ҳамчунин дар ҳавои туманолуд, мавриди яхбандӣ ё ҳолатҳои дигари номусоид мамнӯъ аст.

220) Ҳангоми ҳамлу нақли умуми ҷойҳои саворшавӣ ва фуровардан набояд дар масофаи на камтар аз 30 м воқеъ бошанд.

221) Агар барои ҳамлу нақл автобусҳое истифода шаванд, ки мутааллиқи чанд интиқолдиҳандаанд, он гоҳ шахсони барои бехатарӣ ва баҳрабардорӣ аз воситаи нақлиёти масъул тартиби ҳамкории интиқолдиҳандаро дар тамоми марҳилаи ҳамлу нақл муайян мекунад.

## Боби XVII. МУҚАРРАРОТИ ХУЛОСАВӢ

222) Назорати давлатии риояи Қоидаҳои мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

223) Қоидаҳои мазкур пас аз чопи расмӣ моҳияти худро пайдо мекунад.